ISSN 0235 - 005X

# А Х Б О Р И
# ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# И З В Е С Т И Я
# ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

№ 1

Душанбе - 2015

# АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Сармуҳаррир:** Маҳмадов А.Н. – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
**Муовинони сармуҳаррир:** Идиев Х.У. – доктори илмҳои фалсафа, профессор, Буриев И.Б. - доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент.
**Котиби масъул:** Ҷамшедов Ҷ.Н. – номзади илмҳои ҳуқуқ

**Аъзои ҳайати таҳририя:**

1. Ғаюров Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор
2. Додихудоев Х.Д. – аъзо. корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа,
3. Муҳаммадали Музаффари – доктори илмҳои фалсафа, профессор,
4. Маҳмадҷонова М.Т. – доктори илмҳои фалсафа,
5. Муҳаммадхоҷаев А. – аъзо-корр.АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа,
6. Мирзоев Ғ.- номзади илмҳои фалсафа
7. Нематов А.- доктори илмҳои ҳуқуқ
8. Олимов К. – доктори илмҳои фалсафа, академик, профессор
9. Раҳимов С.Х.- доктори илмҳои фалсафа
10. Раҷабов С.А. – доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент,
11. Тоҳиров Ф.- доктори илмҳои ҳуқуқ, академик, профессор
12. Шоисматуллоев Ш. – аъзо-корр. АИ ҶТ, доктори илмҳои ҷомеашиносӣ,
13. Шарипов Т. – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор,

**Масъулони таҳия:** Кудусов Х.С. номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент; С.Ҳ. Иброҳимова.

**Таҳриру такмили матнҳо:** Ҳоҷиматова Г.М.,Зокиров Н.

## МУНДАРИЧА

### ФАЛСАФА


**Якубов С.Ҳ.** Зиндагиномаи Абӯмансури Мотуридӣ........................................................ 6
**Шулга Г. А.** Вижаҳои зуҳури маънавиёти исломӣ дар шуури оммавии мардумии Тоҷикистон ........................................................................................................................ 13
**Давлатова С.** Китоби «ат-Табсир»-и Табарӣ ҳамчун сарчашмаи омӯзиши ҷаҳонбинии ӯ 17


### ҶОМЕАШИНОСӢ


**Шоисматуллоев Ш.** Зиёиён дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон ..................................... 21
**Назархудоева Л. Т.** Оила ҳамчун агенти иҷтимоишавӣ .................................................... 30
**Идиев Х.У., Миров Л.** Тағйирпазирии идеалҳои рушди ҷомеа дар раванди тағйиротҳои иҷтимоӣ ............................................................................ 36


### СИЁСАТШИНОСӢ


**Маҳмадов А.Н.** Маърифатнокӣ омили муҳимтарини амнияти миллӣ ............................ 45
**Раҷабов Н.С.** Истифодаи шабакаҳои Интернет ба мақсади густурдани руҳияи исломситезӣ дар байни ҷавонон ........................................................................................ 51
**Искандари Ш.** Мафҳум ва методологияи шинохти падидаи бунёдгароӣ .......... 56


### ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ


**Маликова А.Х.** Пайдоиши ғоя ва ташаккули ниҳодҳои давлати иҷтимоӣ дар низоми динии Тоҷикистон ........................................................................................................... 63
**Абдулхонов Ф.М.** "Хусусиятҳои рушди низоми судӣ ва истеҳсолоти судӣ дар давлатҳои Осиёи Миёна дар асрҳои XIV- XIX" ............................................................. 67
**Табаров Н.Д.** Ташаккул ва рушди ниҳоди суди ҳарбӣ дар давраи зардуштии таърихи тоҷикон ........................................................................................................................... 76
**Имомов А.И.** Падидаи лоббизм ва роҳёбии он дар фаъолияти Парлумон ва Ҳукумат …. 80
**Гадоев Б.С.** Аҳамияти ҳуқуқӣ-сиёсии паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти ҷомеа ........................................................................................................................ 89
**Абдуҷалилов А.** Оид ба масъалаи ҳуқуқи секундарӣ дар шабакаи Интернет ... 95
**Самадов Б.О.** Татбиқи талаботи қонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ: масъалаҳои назария ва амалӣ ................................................................................................................ 100
**Шарипов Д.** Мафҳум ва махсусияти шартномаи контрактатсия………………… 106
**Нозиров Н. А.** Тартиби ҳимояи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.. 111


### ТАҚРИЗ


**Буриев И.Б.** "Тоҷикон: аз давлати Сомониён то давлатдории соҳибистиқлол (таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ)" – китоби нав дар бораи давлатдории тоҷикон (Тақриз ба монографияи Зоиров Ҷурахон Маҷидович. –СПб.: Реноме, 2014. 287 с.) …………….. 118

**ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМЕНИ А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**Главный редактор**: Махмадов А.Н. – доктор политических наук, профессор
**Заместители главного редактора**:
Идиев Х.У. – доктор философских наук, профессор,
Буриев И.Б. – доктор юридических наук, доцент.
**Ответственный редактор**: Джамшедов Дж.Н. – кандидат юридических наук

**Члены редкоЛлегии:**

1. Гаюров Ш. – доктор юридических наук, профессор
2. Додихудоев Х.Д. – член. корр. АН РТ, доктор философских наук
3. Мухаммадали Музаффари – доктор философских наук, профессор
4. Махмаджанова М.Т. – доктор философских наук
5. Мухаммедходжаев А. – член-корр.АН РТ, доктор философских наук, профессор
6. Мирзоев Г.- кандидат философских наук
7. Нематов А.- доктор юридических наук
8. Олимов К. – доктор философских наук, академик
9. Рахимов С.Х.- доктор философских наук
10. Раджабов С.А. – доктор юридических наук, доцент
11. Тахиров Ф.- доктор юридических наук, академик, профессор
12. Шоисматуллоев Ш. – член-корр. АН РТ, доктор социологических наук
13. Шарипов Т. – доктор юридических наук, профессор.

**Ответственные за подготовку к печати**: Кудусов Х.С. кандидат политических наук, доцент
Ибрагимова С.Х.
**Редакция и корректура**: Хаджиматова Г.М.,Зокиров Н.

*Статьи рецензируются.*
*Тексты статей даются в авторской редакции.*
*Мнение редакции могут не совпадать с мнением авторов.*
*При использовании и цитировании материалов ссыслка на “Известия Института философии, политологии и права АН Республики Таджикистан” обязательна.*

## ОГЛАВЛЕНИЕ

### ФИЛОСОФИЯ

**Якубов С.Х.** Жизнь и наследие Матуриди Самарканди ..................................... **6**
**Шульга Г.А.** Особенности проявления исламской духовности в массовом сознании народа Таджикистана ....................................................................... **13**
**Давлатова С.** Трактат «ат-Табсир» ат-Табари как источник для изучения его мировоззрения ....................................................................... **17**

### СОЦИОЛОГИЯ

**Шоисматуллоев Ш.** Интеллигенция в трансформирующемся таджикистанском обществе ....................................................................... **21**
**Назархудоева Л. Т.** Семья как агент социализации ........................................... **30**
**Идиев Х.У., Миров Л.** Трансформация идеалов общественного развития в процессе социальных изменений ....................................................................... **36**

### ПОЛИТОЛОГИЯ

**Махмадов А.Н.** Образование как важнейший фактор национальной безопасности ... **45**
**Раджабов Н.С.** Использование сети Интернета в целях раздувания исламофобских настроений среди молодежи ....................................................................... **51**
**Искандари Ш.** Смысл и методология понимания явления фундаментализм ..... **56**

### ГОСУДАРСТВО И ПРАВО

**Маликова А.Х.** Зарождение идеи и становление институтов социального государства в религиозных правовых системах Таджикистана ........................................... **63**
**Абдулхонов Ф. М.** Особенности развития судоустройства и судопроизводства в Среднеазиатских государствах в XIV- XIX вв. ............................................... **67**
**Табаров Н.Д.** Становление и развитие института военного судьи в зороастрийский период истории Таджикистана ....................................................................... **76**
**Имомов А.И.** Институт лоббизма и её влияние на деятельность Парламента и Правительства ....................................................................... **80**
**Гадоев Б.С.** Политико-правовой значение посланий Президента Республики Таджикистан в жизни общества ....................................................................... **89**
**Абдуджалилов А.** К проблеме секундарных прав в Интернете ..................... **95**
**Самадов Б. О.** Реализация требований законов в сфере предпринимательской деятельности: вопросы теории и практики ....................................................................... **100**
**Шарипов Д.** Понятие и особенности договора контрактации ............................ **106**
**Нозиров Н. А.** Порядок судебной защиты в уголовном процессе Республики Таджикистан....................................................................... **111**

### РЕЦЕНЗИЯ

**Буриев И.Б.** "Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности (историко-правовой анализ)" - новая книга о таджикской государственности (рецензия на монографическую работу Зоирова Джурахона Маджидовича –СПб.: Реноме, 2014. 287 с.) ....................................................................... **118**

## ТАЪРИХИ ФАЛСАФА=ИСТОРИЯ ФИЛОСОФИИ

# ЗИНДАГИНОМАИ АБӮМАНСУРИ МОТУРИДӢ

**С.Ҳ. Яқубов**[1]

Дар мақола муаллиф зиндагинома ва аҳволу осори Мотуридии Самарқандиро матраҳ менамояд. Ҳамзамон кӯшиш ба харҷ додааст масъалаҳои марбут ба замон ва макони таваллуди мутафаккирро баррасӣ намуда, хулосаи худро изҳор кунад.

**Вожаҳои калидӣ:** Абӯмансури Мотуридӣ, мактаби ҳанафия, Мовароун-нахр, идрок, фаҳм, камол, фиқҳ, ашъария, ахлоқ.

Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Мотуридии Ансории Ҳанафӣ дар Мотурид ё Мотурит яке аз деҳаҳои ҳамҷавори шаҳри Самарқанд ба дунё омадааст.[2] Мувофиқи ривоятҳо насаби падарии Мотуридӣ ба хонаводаи меҳмондор ва дастархондори Расули Худо – Абӯайюби Ансорӣ рафта мерасад.[3]

Аслан Мотуридӣ тахаллуси мутафаккир мебошад, ки дар робита ба ҷои таваллудаш гузошта шудааст. Аммо баъзе муаллифон ба монанди Камол ибни Абӯшариф дар ҳошия (поварақи)-и "Шарҳи ақоиди Насафӣ" тахаллуси ӯро "Мотаридӣ" гуфтааст, ки баъзе аз пажуҳишгарон ва донишомӯзони баъдӣ ба ин иштибоҳ пайравӣ карда, худ ва дигаронро ба хато кашиданд.[4] Барои мисол устод Мӯсо Диноршоев бо такя ба гуфтаҳои мардуми аз илм дур дар мақолаи худ зери унвони "Фалсафа дар аҳди Сомониён" овардааст: Ин калима [яъне, Мотурид, Я.С.] дар фарҳангҳо ва таҳқиқот "Мотурид" ва "Мотурит" навишта ва хонда шудааст. Ниг: Ибни Асир. ал-Лубоб. Ҷ.3. –С.86; Аҳмад

---

[1] Аспиранти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ.

[2] Ниг.: ан-Насафӣ Абулмуин Маймун ибни Муҳаммад. Табсирату-л-адилла фӣ усули-д-дин. Бо кӯшиши доктор Ҳусайн Отой. Анқара: Нашриёти раёсати шуӯни динӣ. 1993. Ҷ.1. –С.470; ас-Самъонӣ Абдулкарим ибни Муҳаммад. ал-Ансоб. Бо кӯшиши Абдуллоҳ Умар Борудӣ. Бейрут: Дору-л-ҷинон. Чопи аввал. 1408х/1988м. Ҷ.5. –С.155; ал-Қурашӣ Абдулқодир. ал-Ҷавоҳиру-л-музияту фӣ табақоти-л-ҳанафия. Бо кӯшиши доктор Абдулфаттоҳ Муҳаммад Ҳулв. Риёз: Дору-л-улум. 1399ҳ./1979м. Ҷ.3. –С.360; ал-Баёзӣ Камолуддин Аҳмад ибни Ҳисомуддин. Ишороту-л-маром мин ибороти-л-имом. Қоҳира: ал-Мактабату-л-азҳария. 2008. –С.23; аз-Забидӣ Муҳаммад Муртазо. Итҳофу-с-содати-л-муттақин би шарҳи "Иҳёу улуми-д-дин". Бидуни макон ва соли нашр. Дору-л-фикр. Ҷ.2. –С.5. Тоҷу-л-арус мин ҷавоҳири-л-қомус. Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия. 1428 ҳ.қ./2007м. –С.258; ал-Лакнавӣ Муҳаммад Абдулҳай. ал-Фавоиду-л-баҳия фӣ тароҷими-л-ҳанафия. Бейрут: Дору-л-арқам. 1418ҳ./1998 –С.319; Ҳоҷӣ Халифа. Кашфу-з-зунун ан асоми-л-кутуби ва-л-фунун. Маккаи Мукаррама: ал-Мактабату-л-файсалия. 1941. Ҷ.3. –С.360; Абӯазба Ҳасан ибни Абдулмуҳсин. ар-Равзату-л-баҳия. Бо кӯшиши Бассом Абдулваҳҳоби Ҷобӣ. // ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия. Бейрут: Дору Ибни Ҳазм. 1424ҳ./2003м. –С.81; аз-Зириклӣ Хайриддин. ал-Аълом. Бейрут: Дору-л-илм ли-л-малоин. 2007м. Ҷ.7. –С.19; Ҷобӣ Бассом Абдулваҳҳоб. ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия. Бейрут: Дору Ибни Ҳазм. 1424ҳ./2003м. –С.19; Қандаҳорӣ Муҳаммад Абдулазиз. ан-Ниброс (шарҳ бар "Шарҳи ақоиди насафӣ"-и Тафтозонӣ). Покистон. Саидия кутубхона. Бидуни соли нашр. –С.229; Муқаддимаи "Таъвилоту аҳли-с-сунна". Бо кӯшиши доктор Маҷдӣ Босаллум. Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия. 1426ҳ.қ./2005м. Ҷ.1. –С.73; Абӯзаҳра Муҳаммад. Таърихху-л-мазоҳиби-л-исломияти фи-с-сиёсати ва-л-ақоид ва таърихи-л-мазоҳиби-л-фиқҳия. Қоҳира: Дору-л-фикри-л-арабӣ. 1996. –С.176; Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ ва ороуҳу-л-каломия. Қоҳира: Мактабату Ваҳба. Чопи дуюм. 2009. –С.13; Нувайҳӣ Муҳаммад Халил. ал-Васит фӣ ақоиди-л-имом ал-Мотуридӣ. Умон: Дору-н-нур. Чопи аввал. 1434х/2013м. –С.37; Шамолов А. Каломи Мовароуннаҳр. Душанбе: Дониш, 2013. –С.248; Доирату-л-маорифи форсӣ. Теҳрон: Амири Кабир. Бидуни соли нашр. Ҷ.2, –С.2561; Алиакбари Деҳхудо. Луғатнома. Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон. 1352ш. Ҷ.43. –С.9; Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ. Теҳрон: Амири Кабир. 1375ш. Ҷ.6. –С.1859; Абдулҳусайни Зарринкуб. Дар қаламрави виҷдон. Теҳрон: Сурӯш. 1375ш. –С.244; Муҳаммадҷаводи Машкур. Фарҳанги фирақи исломӣ. Машҳад: Остони қудси Разавӣ. 1375ш. –С.379; Ҳенрӣ Корбен. Таърихи фалсафаи исломӣ. Тарҷумаи Саидҷаводи Таботабоӣ. Теҳрон: Интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ. 1380ш. –С.168; Муҳаммадризои Ноҷӣ. Таърих ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави сомониён. Теҳрон: Интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ. 1378ш. –С.432; Субҳонӣ Ҷаъфар. Фарҳанги ақоид ва мазоҳиби исломӣ. Қум: Муассисаи Имом Ҷаъфари Содиқ. 1432ҳ./1390ш. Ҷ. 4. –С.8; Ҷалолӣ Саидлутфулло. Таърих ва ақоиди мотуридия. Қум: Интишороти Донишгоҳи адён ва мазоҳиб. 1390ш. –С.23.

[3] Ниг.: Суннатуллоҳи Яъқуб. Зиндагӣ ва эътиқодномаи Абӯмансури Мотуридӣ. Душанбе: Мотуридиён, 2010. –С.10.

[4] Ниг.: Муҳаммад Абдулҳайи Лакнавӣ. ал-Фавоиду-л-баҳия фӣ тароҷими-л-ҳанафия. Бейрут: Дору-л-арқам. 1418 ҳ./1998м. –С.320.

Амин. Зуҳуру-ул-ислом. Ҷ.1. –С.365. Аммо дар байни мардуми Самарқанд “Мотрид” машҳур аст. Бинобар ин мо ҳамин шакл [яъне, Мотрид, Я.С.]-ро пазируфтем.[1] Ҳамчунин дар мақолаи Н. Қулматов дар “Энциклопедияи Советии тоҷик” низ иштибоҳан “Мотридӣ Абӯмансур Муҳаммад ибни Маҳмуд” омадааст. [2]

Дар робита ба ин масъала мехостам фикри худро изҳор намоям:

а) Оё калимаи “Мотрид” байни мардуми фарҳангӣ ва аҳли илми Самарқанд шуҳрат дорад ё миёни мардуми бозор?

б) Агар миёни аҳли илм шуҳрат дошта бошад, пас онҳо киҳоянд?

в) Агар миёни мардуми бозор машҳур бошад, пас даъвои илм чаро?

г) Агар дар фарҳангҳо ва таҳқиқот “Мотурид” навишта ва хондашуда бошад, пас таҳриф, табдил ва тағйири қавли муҳаққиқон ва ё фарҳангнависонро кӣ дорад?

д) Аҳмад Амин дар ин боб се китоб дорад:

а) “Фаҷру-л-ислом”

б) “Зуҳа-л-ислом”

в) “Зуҳру-л-ислом” (на Зуҳуру-л-ислом)

Барои мисол метавонем якчанд намуна аз калимаҳои дар талаффузи лаҳҷавӣ тахфиф (сабук) шударо баён созем:

а) "Ҳати Пайғамбар" тахфифи Ҳазрати Пайғамбар.

б) "Хучилдиёр" тахфифи Хоҷачилдиёр (деҳае дар ноҳияи Ҳисор).

в) "Сӯр" тахфифи Сурх (деҳае дар ноҳияи Исфара).

г) "Навбод" тахфифи Навобод (бисёре аз деҳаҳои минтақаҳои диёри мо ба он номгузорӣ шудааст).

Ба андешаи мо ҷиҳати рушанӣ ва эзоҳи ин матлаб бояд ба фарҳангҳо ва таҳқиқотномаҳо сайре намоем. Аз ҷумла ба таҳқиқоти яке аз пажуҳишгарони қадимтарини ин фан Абдулкарими Самъонӣ (ваф. 562ҳ./1166м.), ки дар “ал-Ансоб”-и хеш чунин менигорад: “مَاتُرِيْد” - Мотурид, ба фатҳ (ҳаракати забар)-и “мим” (яъне, садоноки кӯтоҳи “а”), баъд аз он “алиф” (яъне, садоноки дарози “а”) ва бо замм (ҳаракати пеш)-и “то” ва каср (ҳаракати зер)-и “ро” ва сукун (ҳолати беҳаракати)-и “ё” ва дар охир “дол” ё ба дигар ривоят дар охираш ҳарфи “то” ба ҷои ҳарфи “дол” зикр ёфтааст, яъне “مَاتُرِيْت” – “Мотурит”.[3] Олими барҷастаи Ҳинд Муҳаммад Абдулҳайи Лакнавӣ дар китоби худ “ал-Фавоиду-л-баҳия фӣ тароҷими-л-ҳанафия” ва Аллома Шиблии Нуъмонӣ дар “Таърихи илми калом” низ чунин ёдрас шудаанд.[4] Тахаллуси Имом Мотуридӣ ба Самарқанд низ омадаст: “Абӯмансур Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Мотуридии Самарқандӣ”.

Ба андешаи ин ҷониб дар калимаи “مَاتُرِيْت” – “Мотурит” агар чанде дар фарҳанг ва табақот омадааст, шояд аз аввалҳо ҷиҳати нодурусти талаффузи калима иштибоҳе сар зада бошад. Масалан калимаи “Асадулло” ба “Асатулло” ва ё “Хадича” ба “Хатича” талаффуз мешавад.

Дар улуми мухталиф ба хусус фиқҳу усули фиқҳ, тафсиру ҳадис ва ақоиду калом унвонҳои зерини Имом Мотуридӣ: “***Имоми ҳидоят”***, “***пешвои мутакаллимон”***, “***пешвои аҳли суннат ва ҳидоят”***, “***байрақбардори аҳли суннат ва ҷамоат”***, “***решаканкунандаи бидъат”*** ва “***басалоҳоварандаи ақоиди мусулмонон”*** гувоҳи хидматҳои ӯ мебошанд, ки бо ин номҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон ва манотиқи дигар шуҳрат дошт.[5]

Тарафдорон ва мухолифони ӯ бо як садо ба азамати илмии ӯ иттифоқи назар доштанд. Ӯ аз зумраи уламои бузурге маҳсуб мегашт, ки намунаи пайравӣ ва ҳидоят буд. Вай ба хусус дар илми калом бо номҳои ***“Аламу-л-ҳудо”*** (байрақи ҳидоят) ё ***“Имому-л-ҳудо”*** (пешвои ҳидоят) муаррифӣ гардида буд.[6]

Сарчашмаҳо оид ба соли таваллуди Имом Мотуридӣ чизеро ёдрас намешаванд. Танҳо далели қавӣ дар бораи вилодати ӯ дар аҳди ҳукмронии халифаи аббосӣ - Му-

---

[1] Ниг.: Фалсафа дар аҳди сомониён. Душанбе: Дониш, 1999. –С.64.

[2] Ниг.: Энциклопедияи Советии тоҷик. Душанбе: Дониш, 1983. Ҷ.4. –С.498.

[3] Ниг.: Самъонӣ Абдулкарим. ал-Ансоб. Бо кӯшиши Абдуллоҳ Умар Борудӣ. Бейрут: Дору-л-ҷинон. Чопи аввал. 1408х/1988м. Ҷ.5. –С.155.

[4] Ниг.: Муҳаммад Абдулҳайи Лакнавӣ. ал-Фавоиду-л-баҳия фӣ тароҷими-л-ҳанафия. Бейрут: Дору-л-арқам. 1418 ҳ./1998м. –С.320; Шиблии Нуъмонӣ. Таърихи илми калом. Теҳрон: Асотир. 1386ш. –С.71.

[5] Ниг.: Кафвӣ. Аълому-л-ахёр. // Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.14.

[6] Ниг.: Тамимӣ. ат-Табақоту-с-сунния. Ҷ.2, –С.114 // Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.14.

таваккил (232-247ҳ./847-861м.) вуҷуд дорад, зеро таърихи вафоти ду тан аз устодони вай, Муҳаммад ибни Муқотили Розӣ дар соли 248ҳ./862м. ва Нусайр ибни Яҳёи Балхӣ дар соли 268ҳ./881м. ба вуқуъ пайвастааст. Бинобар ин, зарурати замонӣ даркор буд, ки вай метавонист наз-ди ин устодони бузург илм омӯзад. Ба тахмини бештар, ин муддатро 10 сол гуфтанд, яъне, Имом Мотуридӣ соли 238ҳ./852м. таваллуд ёфтааст.[1] Аммо Ҷаъфари Субҳонӣ аз вафоти яке аз устодони Имом Мотуридӣ – Муҳаммад ибни Муқотили Розӣ ёде накарда, таваллуди Имом Мотуридиро ба вафоти устоди дигари ӯ – Нусайр ибни Яҳёи Балхӣ тахмин карда, ба соли 248 ё 250ҳ./862 864м. баробар медонад. [2]

Тамоми сарчашмаҳо бо иттифоқи оро вафоти Имом Абӯмансури Мотуридиро соли 333ҳ./944м. ва дафни ӯро дар қабристони Чокардезаи Самарқанд гуфтаанд. Вале Тош Кубризода, ки таърихи вафоти Имом Мотуридиро ба қавле 333ҳ. ва ба қавли дигар 336ҳ. гуфтааст.[3] Дар бораи хонадони вай, падару модар, аҳли оила ва фарзандонаш маълумоте дар даст надорем.

Имом Абӯмансури Мотуридӣ дар даврони ҳукумати пурқудрати Сомониён, ки аз соли 261ҳ./874м. то 389ҳ./999м. дар саросари сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон фармонравоӣ карда, ба ҳифзу нашри адаб ва илму фан ҳиммат намуданд, ба воя расидааст. Ӯ дар муҳити ороми илмӣ ва фарҳангии сарзамини модарии худ назди уламои барҷастаи замон тарбият гирифта, бо идроку фаҳм ва заковату ҳофизаи қавӣ дар андак муддате олими намоён гардид. Имом Мотуридӣ бо таълимоти мактабҳои эътиқодии мансуб ба аҳли ислом ва ғайриисломӣ аз наздик ошно будааст, ки шоҳиди ин гуфтаҳо радду нақди илмии Имом Мотуридӣ чун намояндаи аҳли суннат ва ҷамоат бар ҳамаи он равияҳои исломӣ, насронӣ, яҳудӣ, рофизӣ ва маҷусӣ мебошад. Радду нақди Имом Мотуридӣ бар пешвоён ва саркардаҳои муътазила чун Наззом, Ибни Шабиб, Ҷаъфар ибни Ҳарб, Каъбӣ ва аҳли таҷсим (ҷисм нисбат додан ба Офаридгор) чун Муҳаммад ибни Карроми Сиҷистонӣ, қарматиҳо чун Ҳамдони Ашъас, ҷаҳмия чун Ҷаҳм ибни Сафвон, ки ҳамин ахирӣ дар масъалаи шинохти имон бо Имоми Аъзам баҳсу муҷодала доштааст[4] ва дигар фирқаҳои исломию ғайриисломӣ хеле зиёд аст.[5] Ва ҳамаи ин гувоҳи табаҳҳури илмии Имом Мотуридӣ дар улуми замони худ мебошад.

Сарчашмаҳо Имом Абӯнасри Иёзиро устоди Имом Мотуридӣ ёд карданд. Ҳамчунин аз илмомӯзии онҳо дар назди Абӯбакр Муҳаммади Ҷузҷонӣ, Абӯсулаймони Ҷузҷонӣ, Имом Муҳаммади Шайбонӣ ва Имоми Аъзам Абӯҳанифа ёд карданд.[6] Ба ҳамин тариқ, санади илмии Имом Абӯмансури Мотуридӣ ба воситаи се тан аз олимони бузург: Абӯбакри Ҷузҷонӣ, Абӯсулаймони Ҷузҷонӣ ба шогирди Имоми Аъзам, яъне, Имом Муҳаммади Шайбонӣ мерасад. Муҳаммад ибни Муқотили Розӣ ва Нусайр ибни Яҳё низ аз устодони Имом Мотуридианд, ки аввалӣ дар соли 248ҳ./862м. ва дуввумӣ дар соли 268ҳ.881м. аз олам даргузаштанд.

Агар Имоми Аъзамро дарки заруратҳои шадиди ҷомеа аз илми калом ба фиқҳ оварда бошад, пас, Имом Мотуридиро зуҳури ақидаҳои бидъатию ифротӣ ва ҷараёнҳои тундрав аз соҳаи фиқҳ ба майдони ақидаву илми калом кашонид. Имом Мотуридӣ бо пайравӣ аз низоми илмии Имоми Аъзам кӯшиш ба харҷ дод ва бо бурҳону истидлол мактаби каломии Абӯҳанифаро шарҳи ақлӣ дода, ба он симои ҷадиди илмӣ бахшид. Аз ин рӯ, ин мактаб ҳам ба муассиси он Имоми Аъзам ва ҳам ба шореҳу муфассири он Абӯмансури Мотуридӣ нисбат дода мешавад.[7]

---

[1] Ниг.: Абдулқодири Қурашӣ. ал-Ҷавоҳиру-л-музияту фӣ табақоти-л-ҳанафия. Ҷ.3. –С.360.

[2] Ниг.: Субҳонӣ Ҷаъфар. Фарҳанги ақоид ва мазоҳиби исломӣ. Ҷ.4. –С.9.

[3] Ниг.: Тош Кубризода. Табақоту-л-ҳанафия. –С.72 // Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.16.

[4] Ниг.:. Имоми Аъзам. Доктор Иноятуллоҳи Иблоғ. Ҷ.1. – С.309.

[5] Ниг.: Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. –С.17.

[6] Ниг.: Кафвӣ. Аълому-л-ахёр. –С.13 // Имому аҳли-с-сунна сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.19.

[7] Ниг.: Суннатуллоҳи Яъқуб. Зиндагӣ ва эътиқодномаи Абӯмансури Мотуридӣ. Душанбе: Мотуридиён, 2010. – С.4.

Аз Имом Мотуридӣ осори боарзиши илмӣ дар соҳаи мухталифи улум боқӣ мондааст:

***1 - Китобҳо дар илми фиқҳ ва усули фиқҳ***:

а) Китобу-л-ҷадал.

б) Китобу маохизи-ш-шароеъ.

Ин ду китоб дар илми усули фиқҳ таълиф шуда, дорои аҳамият ва мартабаи хоссе байни пайравони мазҳаби ҳанафӣ мебошанд. Имом Алоуддини Ҳанафӣ дар "Мизону-л-усул" ёдрас мешавад, ки китобҳои таснифшудаи асҳоби мо (яъне, ҳанафимазҳабон) ба ду гуруҳ тақсим мешаванд:

1. Қисме аз нигоҳи устуворӣ дақиқу комил мебошад. Зеро дар ин қисм усул ва фуруъ ҷамъоварӣ шудааст, ки ба онҳо "Китобу маохизи-ш-шароеъ" ва "Китобу-л-ҷадал"-и Имом Мотуридӣ дохил мешаванд.

2. Қисми дуввум аз нигоҳи таҳқиқ, маъно ва тартиби накӯ бе мисл ҳастанд.

Алоуддини Ҳанафӣ зикр мекунад, ки қисми аввал аз ҷиҳати камҳим-матӣ раҳо шуд ва қисми дуввуми он машҳур гардид. Ин худ гувоҳи қадру манзалати таълифоти Имом Мотуридӣ дар илми усули фиқҳ мебошад.[1]

***2 - Китобҳо дар илми калом***:

а) Китобу-т-тавҳид.

б) Китобу-л-мақолот.

в) Китобу-р-рад ала-л-қаромита.

г) Китобу баёни ваҳми-л-муътазила.

д) Китобу радди-л-усули-л-хамса ли Абимуҳаммад ал-Боҳилӣ.

е) Китобу радди авоили-л-адилла ли-л-Каъбӣ.

ж) Китобу радди ваиди-л-фуссоқ ли-л-Каъбӣ.

з) Китобу радди таҳзиби-л-ҷадал ли-л-Каъбӣ.

и) Китобу радди-л-имомати ли баъзи-р-равофиз.[2]

Муҳимтарин таълифоти дар боби ақида навиштаи Имом Мотуридӣ "Китобу-т-тавҳид" аст, ки то замони мо расидааст.

***3 - Китобҳо дар илми тафсир***:

Табақотнависону сиратнигорон китоби дар илми тафсир навиштаи Имом Мотуридӣ "Таъвилоту-л-Қуръон"-ро зикр намуданд, ки аз он соҳиби "Кашфу-з-зунун" Ҳоҷӣ Халифа бо номи "Таъвилоту аҳли-с-сунна" зикр мекунад.[3] Бинобар маълумоти соҳиби "ал-Ҷавоҳиру-л-музия", Абулқодири Қурашӣ: "Таъвилоту аҳли-с-сунна" китобест, ки ягон китобе ба он баробар намешавад, ҳатто китобҳои пеш аз он дар ин фан иншошуда низ.[4]

"Таъвилоту аҳли-с-сунна" бо саъю эҳтимоми Маҷдӣ Басаллум соли 1426ҳ./2005м., дар чопхонаи "Дору-л-кутуби-л-илмия"-и Бейрути Лубнон ба табъ расида, дастраси алоқамандон ва ҳаводорони илму маърифат гардид.

***4 - Китобҳо дар мавзуҳои гуногун***:

а) Рисола оид ба вақф дар Қуръони карим, ки фақат Фуод Сезгин аз он ёд кардааст.

б) Китоб дар боби ваъз (насиҳат), ки фақат Бруклимон ба Имом Мотуридӣ нисбат додааст.[5]

Ба андешаи мо, ҳамин китоби зикркардаи Бруклимон ҳамон "Панднома, ё Васиятнома, ё Мунохотнома ва ё Фавоид"-е аст, ки онро Бассом Абдулваҳҳоби Ҷобӣ дар муқаддимаи "ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашъарияти ва-л-мотуридия" аз ҷумлаи таълифоти форсӣ-тоҷикии Имом Мотуридӣ ба қалам додаст[6] ва китоби мазкур далели аз асилзодагони тоҷиктабори Самарқанд будани Имом Мотуридӣ мебошад. Мақсад аз баёни миллати ин Имоми Бузург на танҳо баёни ифтихор, ки имрӯз дар миёни миллатҳо роиҷ аст, балки расонидани амонати илмӣ ба касоне аст, ки ба хотири ифтихори миллӣ бо ким кадом ғаразҳо муқаддасоти дигарон-ро аз худ карданӣ мешаванд.

Далели дигари мансубияти тоҷикии Имом Мотуридӣ истифодаи калимаҳои тоҷикӣ дар аснои ҷумлаҳои арабии "Китобу-т-тавҳид" мебошад, ба монанди

---

[1] Ниг.: Ҳоҷӣ Халифа. Кашфу-з-зунун ан асоми-л-кутуби ва-л-фунун. // Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.23.

[2] Ниг.: Бруклимон. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ. Ҷ.4, –С.42. // Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.23.

[3] Ниг.: Ҳоҷӣ Халифа. Кашфу-з-зунун ан асоми-л-кутуби ва-л-фунун. Ҷ.1. –С.335.

[4] Ниг.: Абдулқодири Қурашӣ. ал-Ҷавоҳиру-л-музия. Ҷ.3. – –С.360.

[5] Ниг.: Бруклимон. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ. Ҷ.4, –С.43. // Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.27.

[6] Ниг.: Бассом Абдулваҳҳоби Ҷобӣ, ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашъарияти ва-л-мотуридия, Бейрут, Дору Ибни Ҳазм, 1424ҳ./2003м., –С.21, 22.

"ҳастият", ки аз "ҳастӣ"-и тоҷикӣ гирифта, ба ҷои "вуҷуд" ё "мавҷудият"-и арабӣ истифода шудааст.[1] Ҳамчунин ин истифодабарӣ ҳуҷҷатест ба камоли донишу маҳорати томми Имом Мотуридӣ дар илми сарфу навҳи арабӣ, ки калимаи як забонро дар забони дигар бе вайрон намудани қавоиди он забон истифода менамояд. Аммо баъзеҳо аз ҷумла Улрих Рудолф иддио кардаанд, ки гӯё Мотуридӣ забони арабиро хуб намедонистааст ва инро далел ба аҷамӣ (ғайри араб) будани ӯ намудаанд, хусусан форсизабон (тоҷикзабон).[2] Чунонки айни матлаби ахирро донишманди турк доктор Бакр Туполуғлӣ дар муқаддимаи китоби "Таъвилоту-л-Қуръон" далели ба турк мансуб будани миллати Имом Абӯмансури Мотуридӣ қарор додааст.[3]

Ба ҳамин тариқ, таҳлили осори муҳаққиқон ва сарчашмаҳои таърихӣ дар хусуси зиндагинома ва таснифоти Имом Мотуридӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки воқеан ин мутафаккири асримиёнагии тоҷик дар бахши бештари илмҳои замони худ, ба хусус фиқҳу усули фиқҳ ва калому ахлоқ саҳми босозо гузоштааст. Вай дар ин самт асарҳои калидӣ ва бунёдие навишта, кӯшиши зиёд намудааст, то фиқҳу каломи аҳли суннат ва ҷамоати Мовароуннаҳрро, ки дар доираи таълимоти Имоми Аъзам ташаккул ёфта буданд, таҷдиди назар намояд ва аз мавқеи калом ва фиқҳи Имоми Аъзам бо далоил ва бурҳони равшану раднопазир моҳияти харобиовари макотиби мухталифи бидъатгароён ва ифротиёни замони худро фош созад.

**Адабиёт:**


1. ан-Насафӣ Абулмуин Маймун ибни Муҳаммад. Табсирату-л-адилла фӣ усули-д-дин. Бо кӯшиши доктор Ҳусайн Отой. Анқара: Нашриёти раёсати шуӯни динӣ. 1993. Ҷ.1. –С.470; ас-Самъонӣ Абдулкарим ибни Муҳаммад. ал-Ансоб. Бо кӯшиши Абдуллоҳ Умар Борудӣ. Бейрут: Дору-л-ҷинон. Чопи аввал. 1408ҳ/1988м. Ҷ.5. – С.155; ал-Қурашӣ Абдулқодир. ал-Ҷавоҳиру-л-музияту фӣ табақоти-л-ҳанафия. Бо кӯшиши доктор Абдулфаттоҳ Муҳаммад Ҳулв. Риёз: Дору-л-улум. 1399ҳ./1979м. Ҷ.3. –С.360; ал-Баёзӣ Камолуддин Аҳмад ибни Ҳисомуддин. Ишороту-л-маром мин ибороти-л-имом. Қоҳира: ал-Мактабату-л-азҳария. 2008. – С.23; аз-Забидӣ Муҳаммад Муртазо. Итҳофу-с-содати-л-муттақин би шарҳи "Иҳёу улуми-д-дин". Бидуни макон ва соли нашр. Дору-л-фикр. Ҷ.2. –С.5. Тоҷу-л-арус мин ҷавоҳири-л-қомус. Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия. 1428 ҳ.қ./2007м. – С.258; ал-Лакнавӣ Муҳаммад Абдулҳай. ал-Фавоиду-л-баҳия фӣ тароҷими-л-ҳанафия. Бейрут: Дору-л-арқам. 1418ҳ./1998 –С.319; Ҳоҷӣ Халифа. Кашфу-з-зунун ан асоми-л-кутуби ва-л-фунун. Маккаи Мукаррама: ал-Мактабату-л-файсалия. 1941. Ҷ.3. –С.360; Абӯазба Ҳасан ибни Абдулмуҳсин. ар-Равзату-л-баҳия. Бо кӯшиши Бассом Абдулваҳҳоби Ҷобӣ. // ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия. Бейрут: Дору Ибни Ҳазм. 1424ҳ./2003м. –С.81; аз-Зириклӣ Хайриддин. ал-Аълом. Бейрут: Дору-л-илм ли-л-малоин. 2007м. Ҷ.7. – С.19; Ҷобӣ Бассом Абдулваҳҳоб. ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия. Бейрут: Дору Ибни Ҳазм. 1424ҳ./2003м. –С.19; Қандаҳорӣ Муҳаммад Абдулазиз. ан-Ниброс (шарҳ бар "Шарҳи ақоиди насафӣ"-и Тафтозонӣ). Покистон. Саидия кутубхона. Бидуни соли нашр. – С.229; Муқаддимаи "Таъвилоту аҳли-с-сунна". Бо кӯшиши доктор Маҷдӣ Босаллум. Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия. 1426ҳ.қ./2005м. Ҷ.1. –С.73; Абӯзаҳра Муҳаммад. Таъриху-л-мазоҳиби-л-исломияти фи-с-сиёсати ва-л-ақоид ва таърихи-л-мазоҳиби-л-фиқҳия. Қоҳира: Дору-л-фикри-л-арабӣ. 1996. – С.176; Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ ва ороуҳу-л-каломия. Қоҳира: Мактабату Ваҳба. Чопи дуюм. 2009. –С.13; Нувайҳӣ Муҳаммад Халил. ал-Васит фӣ ақоиди-л-имом ал-Мотуридӣ. Умон: Дору-н-нур. Чопи аввал. 1434ҳ/2013м. –С.37; Шамолов А. Каломи Мовароуннаҳр. Душанбе: Дониш, 2013. –С.248; Доирату-л-маорифи форсӣ. Теҳрон: Амири Кабир. Бидуни соли нашр.


---

[1] Ниг.: Мотуридӣ Абӯмансур. Китобу-т-тавҳид. Бейрут: Дору-с-содир, 2007. –С.70, 90, 91, 106, 143, 171, 247 ва ғайра.

[2] Ниг.: Ульрих Рудольф. ал-Матуриди и суннитская теология в Самарканде // А. Шамолов. Каломи Мовароуннаҳр. Душанбе: Дониш, 2013. –С.269.

[3] Ниг.: Бакр Туполуғлӣ. Таъвилоту-л-Қуръон. Вақфи Имом Абӯҳанифа ва Имом Мотуридӣ. Истанбул: Матбааи аҷор, 2003. –С.14.

Ҷ.2, –С.2561; Алиакбари Деҳхудо. Луғатнома. Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон. 1352ш. Ҷ.43. –С.9; Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ. Теҳрон: Амири Кабир. 1375ш. Ҷ.6. –С.1859; Абдулҳусайни Зарринкуб. Дар қаламрави виҷдон. Теҳрон: Сурӯш. 1375ш. –С.244; Муҳаммадҷаводи Машкур. Фарҳанги фирақи исломӣ. Машҳад: Остони қудси Разавӣ. 1375ш. –С.379; Ҳенрӣ Корбен. Таърихи фалсафаи исломӣ. Тарҷумаи Саидҷаводи Таботабоӣ. Теҳрон: Интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ. 1380ш. –С.168; Муҳаммадризои Ноҷӣ. Таърих ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави сомониён. Теҳрон: Интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ. 1378ш. –С.432; Субҳонӣ Ҷаъфар. Фарҳанги ақоид ва мазоҳиби исломӣ. Қум: Муассисаи Имом Ҷаъфари Содиқ. 1432ҳ./1390ш. Ҷ. 4. –С.8; Ҷалолӣ Саидлутфулло. Таърих ва ақоиди мотуридия. Қум: Интишороти Донишгоҳи адён ва мазоҳиб. 1390ш. –С.23.

2. Суннатуллоҳи Яъқуб. Зиндагӣ ва эътиқоднома Абӯмансури Мотуридӣ. Душанбе: Мотуридиён, 2010. –С.10.

3. Муҳаммад Абдулҳайи Лакнавӣ. ал-Фавоиду-л-баҳия фӣ тароҷими-л-ҳанафия. Бейрут: Дору-л-арқам. 1418 ҳ./1998м. –С.320.

4. Фалсафа дар аҳди сомониён. Душанбе: Дониш, 1999. –С.64.

5. Энциклопедияи Советии тоҷик. Душанбе: Дониш, 1983. Ҷ.4. –С.498.

6. Самъонӣ Абдулкарим. ал-Ансоб. Бо кӯшиши Абдуллоҳ Умар Борудӣ. Бейрут: Дору-л-ҷинон. Чопи аввал. 1408х/1988м. Ҷ.5. –С.155.

7. Муҳаммад Абдулҳайи Лакнавӣ. ал-Фавоиду-л-баҳия фӣ тароҷими-л-ҳанафия. Бейрут: Дору-л-арқам. 1418 ҳ./1998м. –С.320; Шиблии Нуъмонӣ. Таърихи илми калом. Теҳрон: Асотир. 1386ш. –С.71.

8. Кафвӣ. Аълому-л-ахёр. // Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.14.

9. Тамимӣ. ат-Табақоту-с-сунния. Ҷ.2, –С.114 // Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.14.

10. Абдулқодири Қурашӣ. ал-Ҷавоҳиру-л-музияту фӣ табақоти-л-ҳанафия. Ҷ.3. –С.360.

11. Субҳонӣ Ҷаъфар. Фарҳанги ақоид ва мазоҳиби исломӣ. Ҷ.4. –С.9.

12. Тош Кубризода. Табақоту-л-ҳанафия. –С.72 // Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.16.

13. Имоми Аъзам. Доктор Иноятуллоҳи Иблоғ. Ҷ.1. –С.309.

14. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. –С.17.

15. Кафвӣ. Аълому-л-ахёр. –С.13 // Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.19.

16. Суннатуллоҳи Яъқуб. Зиндагӣ ва эътиқодномаи Абӯмансури Мотуридӣ. Душанбе: Мотуридиён, 2010. –С.4.

17. Ҳоҷӣ Халифа. Кашфу-з-зунун ан асоми-л-кутуби ва-л-фунун. // Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.23.

18. Бруклимон. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ. Ҷ.4, –С.42. // Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.23.

19. Ҳоҷӣ Халифа. Кашфу-з-зунун ан асоми-л-кутуби ва-л-фунун. Ҷ.1. –С.335.

20. Абдулқодири Қурашӣ. ал-Ҷавоҳиру-л-музия. Ҷ.3. –С.360.

21. Бруклимон. Таъриху-л-адаби-л-арабӣ. Ҷ.4, –С.43. // Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ. Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ. –С.27.

22. Бассом Абдулваҳҳоби Ҷобӣ, ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашъарияти ва-л-мотуридия, Бейрут, Дору Ибни Ҳазм, 1424ҳ./2003м., –С.21, 22.

23. Мотуридӣ Абӯмансур. Китобу-т-тавҳид. Бейрут: Дору-с-содир, 2007. –С.70, 90, 91, 106, 143, 171, 247 ва ғайра.

24. Ульрих Рудольф. ал-Матуриди и суннитская теология в Самарканде // А. Шамолов. Каломи Мовароуннаҳр. Душанбе: Дониш, 2013. –С.269.

25. Бакр Туполуғлӣ. Таъвилоту-л-Қуръон. Вақфи Имом Абӯҳанифа ва Имом Мотуридӣ. Истанбул: Матбааи аҷор, 2003. –С.14 муқ.

**С.Ҳ. Якубов**

**Жизнь и наследие Матуриди Самарканди**

В статье автор рассматривает жизнь и наследие Матуриди Самарканди. Также он пытается рассмотреть различные статьи об эпохе и месте рождения Матуриди, и высказивать свою точку зрения.

**Ключевые слова**: Абумансур Матуриди, школа ханафиты, Мавераннахр, познание, понимание, фикх, этика.

**S.H. Jagybov**

**The life and heritage of Maturidi Samarqandi**

The author studies the life and heritage of Maturidi Samarqandi. As well as he tries to analyze his era and sources about his epoch and place of birth of thinker and gives his own point of view.

**Keywords**: Abu Mansur Maturidi, school hanafi, mavaraunnahr teachers and pupils and heritage of Maturidi Samarqandi.

# ОСОБЕННОСТИ ПРОЯВЛЕНИЯ ИСЛАМСКОЙ ДУХОВНОСТИ В МАССОВОМ СОЗНАНИИ НАРОДА ТАДЖИКИСТАНА

**Г.А. Шульга**[1]

Автор статьи пытается определить специфику ислама в Таджикистане, обозначить его роль и место в таджикистанском обществе.

Опираясь на конкретный исторический материал, автор определяет религиозно-культурные и социально-политические особенности местной исламской традиции, оказавшей влияние на формирование сознания народа Таджикистана.

**Ключевые слова**. Ислам, религиозное сознание, общество, Республика Таджикистан.

Формирование исламской духовности в массовом сознании народа, проживающего на территории современного Таджикистана, происходило под влиянием проникновения в Центральную Азию мусульманских идей, и, проходило длительный путь, претерпевая определенную трансформацию. Отрицание ислама и исламской идеологии на начальном этапе прихода новой религии в регион затем сменилось осознанным ее восприятием, органичной адаптацией исламских традиций, ставших впоследствии характерными особенностями национальной идентичности.

Вторая половина VII века в Центральной Азии, связанная с эпохой арабских завоеваний, характеризовалась активным сопротивлением местного населения иноземным захватчикам, включая неприятие их традиций, в том числе и распространение новой религии.Свидетельства той поры нашли отражение в книге Мухаммада Наршахи "История Бухары", в которой упоминается, что "жители Бухары трижды были обращены в ислам, и каждый раз они отступали и становились неверными".[1]

Однако уже к концу VIII в. новая религия утвердилась среди значительной части населения междуречья Амударьи и Сырдарьи, ее распространение носило мирный характер и имело осознанное восприятие. По утверждению таджикского исследователя Ш.Абдуллоева, новые исламские принципы и критерии совпали с духом и воззрениями народов Средней Азии и Ирана".[2]

По сути исламская религия стала мощным объединяющим фактором, которая, консолидировала народы, проживающие на территории Средней Азии на основе единого языка, религии, впоследствии стала базисом новой государственности, когда впервые после многовековой политической раздробленности было образовано централизованное государство.

Как утверждает историк В.В. Бартольд, в мусульманский период "впервые после Александра Македонского в состав одного политического целого с остальной частью Ирана вошли северо-восточные области бывшего государства Ахеменидов: страна согдийцев была названа "верхним Ираном", между нею и Западной Персией установилось более тесное культурное общение, чем когда-либо".[3]

В IX в. ислам уже утвердился в качестве официальной религии империи Саманидов, первом государственном образовании(как считают в Таджикистане) таджикского народа.

[1]Соискатель Института философии политологии и права им. А. Баховаддинова АН РТ

[1] Наршахи Мухаммад. История Бухары. Душанбе,1979. - С.63.

[2] Абдуллоев Ш. Ташаккули тамаддуни исломи точик дар ахди Сомониен // Фалсафа дар ахди Сомниен. – Душанбе: Дониш, 1999.- С.155

[3] Бартольд В.В. Соч. Т.6.- С.251.

Мусульманское духовенство пользовалось в X в. в Саманидском государстве особенно большим влиянием. Для строительства соборной мечети, медресе и ханаки отводились лучшие места в городе, выделялись крупные средства. Расширялись площади земель, принадлежащих религиозным учреждениям, появилась еще одна новая форма землевладения — вакуф. В этот период получил развитие процесс перевода первоисточников на местный язык фарси-дари. При Саманидах впервые были переведены на этот язык комментарии Табари к Корану. В предисловии к этим комментариям Корана говорится: "Эту книгу привезли из Багдада в сорока томах на арабском языке. Амир СайидМухаффа Абусолех Мансур ибн Нух ибн наср ибн Ахмад ибн Исмаил (961-967), которому трудно было ее понимание, захотел, чтобы ее перевели на язык фарси".[1]

Подавляющая часть мусульман региона веками исповедовала суннитское направление ислама ханафитского мазхаба - одной из четырех правовых школ суннизма, отличающейся рациональностью и гибкостью, а также открывающей широкие возможности для нововведений, что и позволило ханафизму стать той основой, на которой впоследствии выросли ростки модернизма и реформаторства. Следуя своим плюралистическим принципам, в том числе, и терпимости к местным традициям, ханафизм оказался очень устойчивым в Центральноазиатском регионе.

Помимо этого направления ислама, в Таджикистане среди жителей Горного Бадахшана распространение исмаилизм - одна из ветвей шиизма. Распространение ислама на Памире, с одной стороны, связывают с сектанским движением в Персии (XII в.), с другой – с именем Насир-и Хусроу (1004-1088), который считается главным его проповедником. Памирский исмаилизм – это уникальный синтез религии и философии, претендующий на абсолютное знание и обещающий своим последователям полное объяснение всех тайннеба и земли. Его сокровенные доктрины хранятся в глубокой тайне, считается, что, если они будут раскрыты, учение потеряет свою силу.

В XII-XV вв. Центральной Азии небывалых высот достигает философская, социальная и этическая мысль, развивавшаяся в лоне суфизма.

Основателем этого течения был мыслитель Юсуф Хамадони.В Мерве и Бухаре он построил несколько школ и медресе, где пропагандировал свои взгляды. Суть этого учения заключалась в утверждении того, что все в Природе - творение Божества, все пропитано Его духом. Человек - последнее, наиболее совершенное творение Всевышнего, и потому он должен стремиться к слиянию Души с Истиной (а Истина – Бог).

Зародился суфизм с осуждения алчности и жестокости, мошенничества в обществе. В нем встречаются требования аскетизма, ведения отшельнического образа жизни во имя блага на том свете, стремление жить только своим трудом, быть чистым и честным во всем. В суфизме наблюдается большое разнообразие идей, течений. Проповедники каждого из них создавали свою отдельную школу.

На основе исламских этических идеалов вырабатывалась социально-политическая доктрина широко распространенного среди таджиков суфийскоготариката Накшбандийя, известного больше под названием Ходжагон. (5) Эта традиция восходит к деятельности одного из самых крупных руководителей секты накшибендийа мулле Ахрору(1404 - 1490 гг.). Принцип "Халват дар анджуман" (уединение в обществе) – часть доктринальной основы, на которой накшибендийа в целом и сам ходжа Ахрар формировали свою политическую деятельность и обосновывали приобретение материальных ценностей.

Суфийские братства всегда оказывали сильное влияние на общественно-политическую жизнь стран ислама через контролировавшиеся ими мечети, медресе, гробницы-мавзолей ("мазары")

---

[1] Махмуд Таботабоии Ардакони. Гузидаи мутуни тафсири форсей. Техрон, 1368. шамси. (на перс.) - С.16. // Цит. по Г.Д. Мирзоев. Особенности формирования и трансформации исламского религиозного сознания таджиков. Душанбе: "Дониш", 2011.- С.27

святых дервишей, являвшиеся объектом поклонения и постоянного паломничества верующих ("зияра"). [1]

Накшибандийский ислам отвечал духовному настроению самых различных слоев мусульман, так как в нем нормы шариатского права сочетались с нормами широко распространенного в Центральной Азии “народного ислама”, впитавшего доисламские верования и обычаи. Это направление ислама проявило значительную жизнестойкость в условиях резкой модернизации общества в годы советской власти.

Религиозно-культурные и социально-политические особенности местной исламской традиции, формирующие духовное сознание мусульман, во многом определили специфику взаимодействия официальных властей в Таджикистане и на более поздних периодах истории этого государства.

Советская модель управления применительно к исламу в Таджикистане, имела свои особенности. С одной стороны, она, безусловно, отражала официальный атеизм советских властей. С другой стороны, то обстоятельство, что исламская религия была частью традиции и образа жизни заставляло местных лидеров, являющихся носителями этой культуры, терпимо относится к "пережиткам в быту". Иными словами, сформировавшаяся модель в Таджикистане не была атеистичной в полном смысле этого слова, отношения с исламом диктовались, прежде всего, традицией, а уже потом – идейно-политической потребностью.

Религиозное сознание основной массы верующих в советском Таджикистана продолжало функционировать на обыденном, социально-бытовом уровне. Его установки присутствовали в повседневных обычаях и традициях, влияли на формирование нравственных устоев таджикского общества, особенно в семейных отношениях. Так, например, почитание памяти предков не переставал быть необходимой основой религиозности и важным элементом религиозных представлений до сегодняшнего времени.

Классический же ислам изучали и усваивали тайком. Значительный вклад в дело возрождения ислама в среднеазиатских республиках бывшего СССР внес Кори Мухаммаджан Рустамов, известный как Мавлави Хиндустани(1895 – 1989) (7). К нему приезжало множество людей со всех республик Средней Азии, не только Узбекистана, но Казахстана, Кыргызстана и Туркменистана. В Душанбе он часто устраивал чтения Бедиля, на которые собирались мусульманские интеллектуалы и знатоки поэзии из разных мест Таджикистана и Узбекистана.

В 1970-х гг. он стал одним из основателей подпольных сетей религиозных школ "Худжара" (в переводе "Комната") и "Довра" ("Круг"), где, помимо канонов ислама, изучались произведения Хасана-аль-Банны, СайидиКутба, Маудуди, Джамоллиддина Афгани, Мухаммада Игбола.

В 1950-1960 гг. исламская богословско-православная мировоззренческая мысль в Таджикистане продолжала развиваться в различных формах, в том числе и в виде реформаторства. Возникли различные течения, иногда остро конфликтовавшие между собой. В 1960-1970–е гг. произошел раскол в среднеазиатском исламе, который положил начало генерации новых исламских интеллектуалов и духовных лидеров различных направлений.

Еще при жизни К.Мухаммаджана, его последователи и ученики группировались в основном вокруг двух основных направлений: Первое – это движение "муджаддадийа" ("обновление", "реформа"). Другая часть мулл, известная как традиционалисты, выступала против идей обновления ислама. К. Мухаммаджан к концу жизни стал резко отрицательно относиться к политическим притязаниям "муджаддадийа", считая, что подобные стремления появились под влиянием "ваххабитов". В конце жизни он был ярым противником ваххабитов, считая, что слова ваххабитских мулл не соответствуют мазхабу.

В плане резюме отметим, что специфику исламской духовности таджикистанцев,

---

[1] Р.Г.Ланда. Политический ислам: предварительные итоги. М., 2005. - С.22.

исторические особенности их религиозного сознания определяет синкретический комплекс традиций ортодоксального и "народного ислама". Этот сплав двух выделенных уровней ислама базируется на том понимании, что исламская религия здесь распространялась в рамках ханафитской богословно-правовой школы суннизма, которая, наряду с идеями и правилами нормативного ислама, проявляет лояльность к народным традициям и обычаям. Характерно, что толерантный и отличающегося терпимостью исмаилитский шиизм, со своей стороны, отдавал приоритет духовному совершенствованию человека перед богословской теологией и формальной обрядностью. Все это в совокупности открывало для таджикских мусульман широкие перспективы для развития их духовного потенциала с сохранением национальных элементов внутри мусульманской культуры, создавало форму народного ислама, позволяющего сохранять самобытность, язык, национальный облик и характер.

"Народный ислам" в Таджикистане, веками переплетающийся с местными обычаями и представлениями, что в немалой степени объясняет его живучесть и значимость в традиционной культуре, был далек от политики. В то же время заложенная в исламе социально-политическая доктрина, идеологическое обоснование участия ислама в общественно-политической жизни, в том числе и контроль духовенства за светской властью и вовлеченность его в мирские дела, проповедуемое еще накшибендийским муллой Хаджи Ахрором, были источниками формирования политического мышления и впоследствии политизации ислама.

**Литература:**


1. Наршахи Мухаммад. История Бухары. Душанбе,1979. С.63.

2.Абдуллоев Ш. Ташаккули тамаддуни исломи точик дар ахди Сомониен // Фалсафа дар ахди Сомниен. – Душанбе: Дониш, 1999. С.155

3. Бартольд В.В. Соч. Т.6. С.251.

4. Махмуд Таботабоии Ардакони. Гузидаи мутуни тафсири форсей. Техрон, 1368. шамси. (на перс.) С.16. // Цит. по Г.Д. Мирзоев. Особенности формирования и трансформации исламского религиозного сознания таджиков. Душанбе: "Дониш", 2011. С.27

5. А. Мухаммедходжаев. Идеология накшбандизма. Душанбе. 1991

6. Р.Г.Ланда. Политический ислам: предварительные итоги. М., 2005. С.22.

7. Кори Мухаммаджа (Мавлави Хиндустани) родился в 1310 г. хиджры (мусульманскому летоисчислению) или в 1892 г. в кишлаке Чорбок.



**Г.А. Шулга**


### Вижаҳои зуҳури маънавиёти исломӣ дар шуури оммавии мардумии Тоҷикистон


Муаллифи мақола кӯшиш ба харҷ додаст, ки хусусиятҳои ислом дар Тоҷикистонро муайян кунед, нақшу мақоми онро дар ҷомеи тоҷик нишон диҳад. Бо такя ба маводи мушаххаси таърихӣ муаллиф вижагиҳои динӣ-фара иҷтимоӣ-сиёии ананаҳои маҳаллии исломиро, ки ба ташаккули шуури халқи Тоҷикистон таъсир расонидаанд, муайян менамояд.



**Вожаҳои калидӣ:** Ислом, шуури динӣ, ҷомеа, Ҷумҳурии Тоҷикистон.



**G.A. Shulga**


### Peculiarities of Islamic spirituality in the mass consciousness of the people of Tajikistan


The author tries to define the specifics of Islam in Tajikistan, to designate its role and place in the Tajik society.

Based on specific historical material, the author defines religious-cultural and socio-political features of the local Islamic traditions that influenced the formation of the consciousness of the people of Tajikistan.



**Key words**: Islam, the religious consciousness of society, the Republic of Tajikistan.

**ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А.БАХОВАДДИНОВА АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН - 1/2015**

# КИТОБИ «АТ-ТАБСИР»-И ТАБАРӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ОМӮЗИШИ ҶАҲОНБИНИИ Ӯ

**С. Давлатова**[1]

Мақола ба баррасии яке аз сарчашмаҳои ношинохтаи мансуб ба Ибни Ҷарири Табари – «ат- Табсир»-и вай бахшида шудааст. Муаллиф масъалаҳои мансубияти ин рисола ба Ибни Ҷарир, ҳамчунин сабабҳои таълиф, сохтор, мазмун ва мундариҷаи онро матраҳ мекунад. «ат-Табсир»-и Ибни Ҷарир сарчашмаи муҳим барои омӯзиши дидгоҳҳои муаллиф ва ҳамчунин набардҳои фикрӣ ва эътиқодии замони вай мебошад ва умед аст, ки таваҷҷуҳи бештари аҳли таҳқиқ барои омӯзиши он метавонад паҳлӯҳои гуногуни эътиқоди Ибни Ҷарир ва муосирони онро тавзеҳ диҳад.

**Вожаҳои калидӣ:** Ибни Ҷарири Табарӣ, Китоб ат-Тафсир, калом, муътазила, ақидаи исломӣ.

Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Язид ибни Касир ибни Ғолиб, Абӯҷаъфарат-Табарӣ имомест, ки бо осори ғании худ дар байни олимон машҳур аст.

Дар воқеъ, масъалаҳои зикрёфта имрӯз натанҳо барои муҳаққиқони илмҳои ҷомеашиносӣ, балки барои тамоми шаҳрвандони мо муҳимият ва фазои махсуси таҳлилӣ доранд. Зеро баъди ғуруби собиқ иттиҳоди Шуравӣ як гурӯҳ ҷомеашиносон аз арзишҳои илмии он замон ба куллӣ руй гардонида, яке худро диншиносу исломшинос, дигаре демократу сеюмин мухолифи сохти нав эълон намуда, ба зеҳну тафаккури мардумони кишвар таъсири начандон хуб расонидаанд. Ҳатто андешаҳои муғализонаи бархе аз онҳо нисбати миллати тоҷик, арзишҳои миллӣ ва марзу буми кишварамон то имрӯз дар рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ ва конфронсҳои илмию амалӣ ба назар мерасад. Албатта бунёди чунин бегонапарастӣ дар ҳама давру замон барои миллати таҳҷоӣ самари хубе надорад ва нафаре, ки дидаю дониста миллати хешро инкор мекунад, мушкилоти бегонапарастӣ ва ё тағйироти ирсии нокомӣ ба онҳо таъсир дошта, замоне ҳастии худро низ инкор мекунанд. Ин як шакли фиреби сиёсиест, ки дар раванди ташаккули истиқлолияти том барои миллат таассуфовар аст.

**Ба андешаи мо замоне, ки илмҳои ҷомеашиносӣ рӯ ба таназзул меоранд дар тафаккури мардум холигие пайдо мегардад, ки намояндагони дигар идеологияҳо кушиши пур кардани онро намуда, барои**

---

[1] Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.с., профессор.

[2] Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон Маджлиси Оли Республики Таджикистан [электронный ресурс]. –Режим доступа: http://president.tj/ru/node/6599

**таъсир расонидан ба мафкураи мардум аз тамоми имкониятҳо истифода мебаранд.**

Бояд қайд кард, ки имрӯз дар фаҳмиши бисёр масъалҳои иҷтимоию сиёсӣ дигаргуниҳои зиёде ворид гардидааст, ки аз як тараф инкори ин ё он масъала ба чашм мерасад аз тарафи дигар инкоркунандагон дар раванди таҳлилҳояшон аз методу усулҳои марксизм ба пуррагӣ истифода менамоянд. Масалан то имрӯз аксарияти муҳаққиқони илмҳои ҷомеашиносӣ барои шарҳу баёни мафҳуми "миллат" фаҳмиши марксистии онро ба асос мегиранд.

Бояд гуфт, ки маънои миллат пеш аз ҳама ифодагари мазмуни рамзӣ ва кайфияти таъби руҳӣ буда, мардуми дар ҳудуди як давлат маскунбударо дар бар мегирад. Новобаста аз оне, ки имрӯз дар зери мафҳуми миллат ҳам шаҳрвандони як мамлакат ва ҳам намояндагони як гурӯҳи этникӣ фаҳмида мешавад, он ҳамчун воҳиди иҷтимоӣ боз ҳам боқӣ хоҳад монд.

Ҳамчунин, гуногунрангии ин мафҳум, аз ҷумла ба воситаи он ифода намудани умумияти этникӣ ва умумияти сиёсӣ ҳанӯз ҳам идома меёбад. Ба ақидаи бархе аз олимон истифодаи мафҳуми миллат дар мазмуни дуюм сермаҳсул ва самаранок ба шумор меравад. Ин аст, ки дар Тоҷикистон ҷомеашиносон "Тоҷикистонро хонаи умеди тамоми тоҷикони дунё" меноманд. Айни замон чунин формула дар таҷрибаи сиёсии ҷаҳон афзалияти бештар дорад.

Бояд тазаккур дод, ки алоқамандии мафҳумҳои "миллат" ва "давлат" дар симои давлатҳои миллӣ ва давлатдории миллӣ таҷассум меёбад. Чунин ҳолат аз ҷониби кулли давлатҳои соҳибистиқлоли дунё, ки ҳамзамон онҳо узви комилҳуқуқи СММ ба шумор мераванд, эътироф карда мешавад. **Дар миёни давлатҳои соҳибистиқлоли узви СММ пайдо намудани давлате, ки худро давлати миллӣ намешуморад, номумкин аст.** Ҳатто он давлатҳое, ки таркиби этникии аҳолиашон хеле мураккаб аст, аҳолии худро миллат ва давлати худро давлати миллӣ эълом доштаанд.

Роҷеъ ба ин масъала, ҷомеашиноси франсавӣ Д.Кола чунин ибрози ақида менамояд: "миллат инъикосгари шароитҳои мушаххаси иҷтимоӣ буда, ҳеҷ гоҳ идомабахши падидаҳои дигар буда наметавонад. Бинобар ин, миллат ҳамон давлати миллиест, ки ифодагари он истиқлолияти сиёсии ҳудуди муайян ва фарҳанги якхелаи гуруҳ мебошанд. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ миллатро ташкил медиҳад". [1]

Нисбат ба табиати мафҳуми "миллат" ақидаҳои олими немис Ю.Хабермас низ ҷолиби диққат мебошанд, чунончӣ "Ҷомеаи ҷаҳонӣ, чи гунае, ки аз номаш ҳувайдост – "Милали муттаҳид" - айни замон аз лиҳози сиёсӣ аз давлатҳои миллӣ иборат аст. Ин далели беасос нест. Яке аз навъҳои таърихии давлат, ки баъди Инқилобҳои Фаронса ва Амрико ба вуҷуд омада буданд, дар тамоми ҷаҳон паҳн гардидаанд. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ маҳз бо шарофати равандҳои зиддиистеъморӣ насли сеюми давлатҳои миллӣ ба вуҷуд омаданд. Ин тамоюл то пошхурии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ идома ёфта буд. Давлатҳои миллӣ афзалият ва бартариятҳои худро чӣ дар назди шаҳр-давлатҳо ва чӣ дар назди ворисони империяҳои кӯҳна исбот намуданд".[2]

Айни замон ин раванд барои миллатҳои тозаистиқлол бисёр муҳим аст, ҳамзамон ин воситаест, ки ба давлат ва миллат дар арсаи байналмилалӣ афзалияти стратегиро дода метавонад. Аммо мутаасифона, шарҳи мунғализонаи он нисбати миллати таҳҷоие, ки бо номаш кишваре муаррифӣ мешавад дар доираҳои илмӣ гоҳ- гоҳ ба назар мерасад, ки ин барои кишварҳои тозаистиқлол хеле таҳдидовар аст.

Ҳамин тавр, бунёди мафкураи бегона ва чунин муносибати бегонапарастона барои рушди ҷомеаи мо хатарҳои воқеӣ эҷод намуда, ба устувории истиқлолияти сиёсӣ таъсири манфӣ мерасонад. Барои пешгирӣ намудани ин масъалаҳо бояд

---

[1] Кола, Д. Политическая социология / Д.Кола. – М., 2001. –С.351.

[2] Хабермас Ю. Европейское национальное государство: его достижения и пределы: прошлом и будущем суверенитета и гражданства // Нации и национализм / Б.Андерсон, О.Бауэр, М.Хорх и др. –М., 2002. –С.364.

мактабу маориф аз ҳама бештар ба фаҳмондадиҳии арзишҳои истиқлолияти сиёсӣ, ҳуввияти миллӣ, ваҳдат ва якпорчагии миллӣ сафарбар карда шавад.

Дар баробари ин боз яке аз омилҳое, ки ба амнияти кишвар таҳдиду хатари воқеӣ эҷод мекунад ин терроризм ва экстремизми сиёсию динӣ мебошад, ки тавассути вусъат бахшидани ҳамкориҳои худ бо марказҳо, созмонҳои террористию экстремистии байналмилалӣ ва хадамотҳои махсуси давлатҳои алоҳидаи хориҷӣ ба проблемаи бузургтарини ҷамъиятию сиёсии башарият мубаддал гардидаанд.

Дар воқеъ, Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ аз чунин хатару таҳдидҳо дар канор монда наметавонад. Ин зуҳуроти хавфноки ҷаҳонӣ ҳар замон метавонад сабабгори ба амал омадани ҳодисаҳои барои ҷамъият ва давлат хатарноку фалокатбор гардад.

Мутаасифона, солҳои охир далелҳои шомилшавии ҷавонону наврасон ба сафи созмону ҳаракатҳои иртиҷоӣ-экстремистӣ афзоиш ёфта истодааст. Таасуби динӣ имрӯзҳо дар доираи зиёиён, ҳатто дар устодоне, ки дар макотиби миёнаю олӣ аз фанҳои ҷамъиятшиносӣ таълим медиханд, роҳ ёфтааст, ба хусус миёни устодони ҷавону миёнасол. Зиёда аз ин, ҳоло раванди теологизатсияи мавзӯъҳо ва усулҳои таҳқиқотӣ дар баъзе муассисаҳои илмӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Ҳамаи ин дар ниҳоят метавонад барои фазоӣ иттилоотии ҷумҳуриро дар зери назорати руҳониёни тундрав ва ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароии динӣ - сиёсӣ қарор диҳад.

Имрӯз бо вуҷуди он ки мо низоми дунявии давлатдориро ҳамчун роҳи рушди давлати миллӣ интихоб кардем, аммо нақши руҳоният дар ҷомеа бештар рӯ ба афзудан дорад, ки он таваҷҷуҳи ҷавононро ба худ ҷалб менамояд. **Афзудани миқдори масҷидҳо нисбат ба мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ худ далели он аст, ки инфрасохтори динӣ шакли мукаммал гирифта, зиёиёни динӣ ҳамчун як сохти мукаммал амал карда, маблағгузору пуштибони хориҷӣ низ пайдо намуда истодаанд.** Маҳз афзудани миқдори масҷидҳо дар чанд соли охир нақши руҳониятро дар ҷомеа хеле баланд бардошт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба хусус дар деҳот ҳаёти маънавии шаҳрвандон бештар дар зери нуфузи руҳоният қарор дорад. Аз ҳамин сабаб омӯзгорон, махсусан ҷомеашиносон бояд ҳамчун роҳнамои маънавӣ мавқеи худро дошта бошанд. Чуноне, ки дар Паёми соли 2015 омадааст: **” Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато карданро надорад, зеро тақдири насли ояндасоз ва пешбарандаи давлату ҷомеа дар дасти ӯст”.**

Имрӯз таҳсили ғайрирасмии толибилмони тоҷик дар муассисаҳои динии давлатҳои исломӣ ва будубоши шаҳрвандони Тоҷикистон дар сафҳои ташкилотҳои террористии байналмилалӣ ин хатари ҷиддиест, ки баояндаи миллати мо таъсири манфӣ расонида, дур шудани шаҳрвандонро аз аслу насаб ва дигар арзишҳои миллӣ метезонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари толибилмонро нафароне ташкил медиҳанд, ки дониши дунявӣ надошта, ҷаҳонбинии онҳо дар доираи ғояҳои "таассуб" ташакул ёфтаанд.

Ба замми ин, ҳоло дар ш.Душанбе ва аксарияти минтақаҳои ҷумҳурӣ мактабҳои динии ғайрирасмӣ дар хонаву масҷид ва назди муллоҳои бо ном нуфуздор фаъолият менамоянд, ки чунин шакли таълим **дарояндаи наздик барои давлат ва миллати тоҷик хатари ҷиддӣ ба миён оварда метавонанд**. Чунин ҳолат боиси зиёдшавии таъсири манфии фарҳангу маънавиёти бегона ва ҷаҳонбинии маҳдуд дар рафтори кудакону ноболиғон шудааст, зеро аксари кулли мударрисони ғайрирасмӣ маълумоти динӣ надоранд ва аз саводи ҳуқуқӣ ва дунявӣ бехабаранд.

Бояд тазаккур дод, ки муқовимати намояндагони дин ба давлат **ин баҳсест, ки мушкилоти зеҳнӣ дорад, зеро масъалаи асосӣ на баҳси вазъи динӣ, балки масъалаи чигуна ба даст овардани мавқеъ ва ҳокимият аст.**

Мутаасифона, ҳамаи ин мавқеъгириҳо ва кушиши бунёд намудани мафкураи бегона дар миллату дин заминаро барои афзудани сатҳи таассубу хурофоти динӣ, зуҳури радикализму экстремизми дин муҳайё

месозад, ки аз он ҳизбу ҳаракатҳои хусусияти динӣ доштаро қудратҳои ҷаҳонӣ дар амалӣ сохтани ҳадафҳои стратегӣ ва геополитикии худ метавонанд истифода намоянд.

Ҳамин тавр, агар таълимоти дурусти миллӣ ва таҳаммулпазирӣ дар мактабу маорифи кишвар таҳти назорати ҷиддӣ қарор ёфта тавонад, пас пеши роҳи **бунёди мафкураи бегона ва роҳ ёфтани ақидаҳои барғалатро гирифтан душвор намегардад.** Маълум аст, ки абадияти ҳар миллат ин бардошти рӯҳӣ ва маънавии он аст, вазифаи дин бошад аз назорат ва ташаккули шуури ахлоқӣ беш нест. Пас ҳар он чизе, ки имрӯз мо ба ҷавонон меомӯзем, фардо ахлоқи миллиамон ҳамон хоҳад шуд. **Мабодо агар дин асоси ҷаҳонбинии мардум гардад, ҷой барои дигар шакли ҷаҳонбинӣ дар ҷомеа нахоҳад монд.**

Ф. Энгельс дар мавзуи дин баҳсе дорад, ки гӯё дин дар натиҷаи тарсу ваҳми инсон дар назди ҳодисаҳои табии ба вуҷуд омада бошад. Агар чунин бошанд, пас чаро мардумон имрӯз на аз тарсу ваҳми ҳодисаҳои табиию дин, балки аз ҷаҳолати чунин мардумфиребони муллобашара бисёртар хавфу хатарро эҳсос мекунанд? Ҳатто агар дар раванди ташаккулёбии одамони ибтидоӣ чунин ҳолат ҳам ҷой медошт, пас асоси мардумфиребиҳо на ба дину ҳодисаҳои табиӣ, балки ба торикии ҷаҳонбинии онҳо вобастагӣ пайдо менамуд. Аз ин бар меояд, ки ҳимояи арзиш ва манфиатҳои миллӣ бояд нақшаи дурнамои миллӣ дошта, ҷомеашиносон дар тақдири насли оянда имрӯз масъулият ба души худ дошта бошанд.

Дар воқеъ, Президенти кишвар дар ин баромадашон мисли пештара, муҳтавои асосии соҳаи илму маорифро бо сатҳу сифат ва усули таълим арзёбӣ намуда, онро ҳамчун омили муҳимтарини пешрафти ҷомеа муаррифӣ намуд. Бояд қайд кард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони ба даст овардани соҳибистиқлолӣ то имрӯз ба илму маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, барои пешрафти ин соҳа корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла сохтмони иншоотҳои мактабу маориф, таъмин намудан ба ашёҳои таълимӣ ва дигар технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ, инчунин барои беҳбудии таълиму тарбия роҳҳои гуногуни алтернативӣ, шакли таълими кредитӣ ва дигар усулҳои мухталифро ҷустуҷу намуда, ин соҳаи афзалиятноки миллиро ҳаматарафа ҷонибдорӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки вазъи таълими фанҳои ҷамъиятӣ имрӯз дар муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи махсус хеле ташвишовар аст, дар ҳоле, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра қонуну қарору ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдоре нисбати беҳбуд бахшидан ба таълими ин фанҳо қабул намудааст. Махсусан, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 "Дар бораи тасдиқи Тадбирҳои дастгирии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015" як такони ҷиддие ба шумор меравад, ки таваҷҷуҳи мутахассисону олимонро ба худ хеле ҷалб намуд. Аммо мутаасифона дар самти таълиму тарбияи ин фанҳо то имрӯз беҳбудӣ баназар намерасад.

Тибқи иҷроиши Протоколи Шӯрои амнияти ҶТ таҳти № 32-13 аз 27 сентябри соли 2010 дар Вазорати маориф Шӯрои координатсионии таълими фанҳои иҷтимоӣ – ҷамъиятшиносӣ таъсис дода шуда буд. Шӯро оид ба ҳар як фан аз зумраи олимони варзидаи мактабҳои олӣ ва Академияи илмҳо гурӯҳҳои корӣ таъсис дода, оид ба нақша ва Барномаҳои нави таълимии ин фанҳо кори босамареро ба анҷом низ расонидаанд.

Дар ин ҷаласа дар назди Шӯрои координатсионии таълими фанҳои ҷамъиятшиносӣ гурӯҳҳои корӣ аз ҳар як фанҳои ҷамъиятӣ баҳри таҳияи нақшаҳои нави таълимӣ таъсис дода шуда буд вале ин ҳам натиҷаи дилхоҳе на-дод. Ба замми ин, соатҳои таълимӣ бидуни хулосаҳои гурӯҳҳои босалоҳияти корӣ бетағйир монда, ҳатто фанҳои Психология, Педагогика, Этика (Ахлоқ), Эстетика, Мантиқ ва Диншиносӣ дар аксари тахассусҳо аз таълим берун монданд.

Бо сабаби набудани таҳлили дурусти сарбориҳо (теъдоди соатҳо) дар макотиби олӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ бенизомиҳои зиёде ба вуҷуд омада, соатҳои таълимии аксари фанҳо бе зарурият танҳо ба хотири кушодани кафедраҳои нав ва зиёд кардани шумораи зиёду нолозими штатҳои корӣ таъсис ёфтаанд.

Имрӯзҳо дар аксари макотиби олии мамлакат фанҳои ҷамъиятшиносӣ ба фанҳои беэътибори дуввуминдараҷа табдил ёфта бо ҳар баҳона сол то сол микдори соатҳо, санҷишу имтиҳони ин фанҳо ба маротиб ихтисор мешаванд. Фанҳои ҷамъиятшиносӣ, ки ҳамеша заминаи идеологии давлат, тарбиятгари ифтихори ватандорию ягонагии миллии ҷавононанд дар 10 соли охир ду-се маротиба кам шудаанд дар айни ҳол ба дараҷаи камтар аз 10 фоизи ҳаҷми умумии таълимӣ маҳдуд шудааст.

Ҳамзамон, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки **кори таълиму тарбияи диншиносӣ ва динӣ дар кишвар ба меъёрҳои имрӯза ҷавобгӯ нест.** Камбудии асосӣ - ин набудани китобҳои дарсӣ ва методикаи нави таълимӣ дар ин самт аст. Бинобар ин, имрӯз зарурияти ислоҳи барномаҳои диншиносӣ ва таълими динӣ дар ҳама зинаҳои муассисаҳои таълимӣ дар кишвар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ба миён омадааст.

**Бинобар ин дар партави Паёми навбатии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод менамоем, ки Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз тариқи ба роҳ мондани барномаҳои таълимию маърифатӣ ба раванди ислоҳу муосирсозии шуури динии ҷомеа мусоидат ва чораандешӣ намояд. Бахусус бо мақсади пешгирӣ кардани гароиши насли ҷавони кишвар ба ҳизбу ҳаракатҳои динии ғайриқонунӣ ва мазҳабу равияҳои иртиҷоӣ, баланд бардоштани маърифати динии шаҳрвандон бояд яке аз масъалаҳои муҳими стратегии таълиму тарбия дар соҳаи маориф ба назар гирифта шавад .**

Умуман, масъалаи ташкили таълими фанни диншиносӣ (Религиоведение) бояд ҳамчун ҷузъи таркибии соҳаи таълиму тарбия дар муассисаҳои соҳаи маориф ба назар гирифта шавад.

Яке аз масъалаҳои дигари мавриди баҳси мавзӯъ он аст, ки таълими дин ва низоми таҳсилоти давлатӣ бояд дар як системаи муайяне дохил карда шавад, ки ба манфиатҳои ҳаётан муҳими кишвар таъсири манфӣ расонида натавонанд.

**Ба андешаи мо, мушкилот дар таълими динию диншиносӣ дар ҷумҳурӣ дар он аст, ки аксарияти мутахассисони ин соҳа на устувории динӣ доранду на атеисти асил мебошанд. Аз ин рӯ, таълими диншиносиро бештар ба исломшиносӣ омехта намуда ба омӯзиши он монеаҳо эҷод менамоянд.**

Бояд тазаккур дод, имрӯз ташкили таълиму тарбия ва эҷоди заминаи тафаккури аклонии мантиқӣ, қисми муҳими сиёсати соҳаи илму маориф ба шумор меравад.Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои ҳалли ин масъалаҳо бештар **мавқеъгирии муайяне бо назардошти мутахассисони сиёсатшинос ва диншинос дошта бошем.**

Таълими диншиносӣ ва таърихи динҳо, ҷаҳонбинии ҷавонон ва сатҳи маърифатӣ диншиносии онҳоро боло бурда, худшиносии онҳоро тақвият бахшида, заминаи устувори таҳаммулгароиро устувор мегардонад. **Ин худ яке аз камхарҷтарин роҳи пешгирӣ - профилактика аз таъсири экстремизму терроризм ва зиддиятҳои мазҳабӣ мебошад.**

Ҳамин тавр, вобаста ба баланд бардоштани маърифату ҷаҳонбинӣ, таҳкими ҳисси худшиносиву ватандӯстии ҷавонон, эҳтироми суннату арзишҳои миллӣ ва арзгузорӣ ба арзишҳои умумибашарӣ, пешгирӣ кардани гароиши наврасону ҷавонон ба равияҳои бегона ва тарғиби ҳаёти солим, пешниҳод менамоем, ки **дар назди муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ Шӯрои координатсионӣ ва машваратӣ ҷиҳати пешгирии равандҳои сиёсишавии ислом дар шароити муосир таъсис дода шавад.**

Зеро то замоне, ки равандҳои сиёсишавии ислом рушду ташаккул меёбад, динро иддае аз ҳангоматалабон дар муқобили сиёсати давлатӣ қарор хоҳанд дод. Дар чунин ҳолат муборизаи сиёсӣ бо ғаризаҳои сиёсии динӣ омехта

гардида, дар майдони сиёсат нобоварӣ ва эътиқоди гурӯҳӣ вориди бозиҳои сиёсӣ гашта, фитнаҳои динӣ афзоиш хоҳад ёфт.

Шояд, дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, ки аз ҷониби ҳама мақомоти давлатӣ бурда мешавад, тақозо ба Шӯрои машваратии назди як мақомоти марказиро низ дошта бошад, чунин марказ имрӯз метавонад ё Бахши мушовири давлатӣ ва ё дигар ниҳоди давлатӣ бошад.

**Адабиёт:**

1.Кола, Д. Политическая социология / Д.Кола. –М., 2001. –С.351.
2.Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон Маджлиси Оли Республики Таджикистан [электронный ресурс]. –Режим доступа: http://president.tj/ru/node/6599
3.Хабермас Ю. Европейское национальное государство: его достижения и пределы: прошлом и будущем суверенитета и гражданства // Нации и национализм / Б.Андерсон, О.Бауэр, М.Хорх и др. –М., 2002. –С.364.

**А. Н. Махмадов**

**Образование как важнейший фактор национальной безопасности**

В свете Послания Президента Республики Таджикистан автор статьи рассматривает место просвещенности в свете новых угроз современности, влияние угроз на социально-политическую жизнь. В статье также анализируются проблемы образования, воспитания и новые угрозы современности, которые непосредственно влияют на интересы государства. Вместе с тем, в статье автор уделяет внимание проблеме политизации религии и мировозренческим вопросам.

**Ключевые слова:** национальные интересы, политические угрозы, национальное воспитание, религиозные мировоззрения, светские мировоззрения, политизация религии, конфессиональные вражда, терроризм, экстремизм.

**A.N.Mahmadov**

**Education as the main factor of national security**

The author in the light of the Annual Address of the President of the Republic of Tajikistan, considers new security threats of the modernity and their influence on social and political life of the society. The author also analyzes issues of education, upbringing and main new threats, which directly impact national interests. Also, the author pays a significant attention to the issue of politization of religion and worldlook.

**Key words**: national interests, political threats, national education, religious outlook, secular outlook, politization of religion, confessional contradictions, terrorism, extremism.

# ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СЕТИ ИНТЕРНЕТА В ЦЕЛЯХ РАЗДУВАНИЯ ИСЛАМОФОБСКИХ НАСТРОЕНИЙ СРЕДИ МОЛОДЕЖИ

**Н.С. Раджабов**[1]

В статье анализируется феномен исламофобии в мировом информационном пространстве, частности в Интернет-пространстве. Контент-анализ Интернет-ресурсов и социальных сетей как Facebook, Tumbler, Twitter и других показывает, что подобные публикации становятся рычагом в разжигании ненависти в отношении мусульман, раздувают исламофобские настроения среди молодежи, становятся угрозой интеграционным процессам в мире.

**Ключевые слова:** социальные сети, стереотип, исламофобия, интернет, ресурс, ксенофобия, онлайн-разжигание ненависти, психологическое оружие.

В западном обществе ислам нередко сводят к стереотипной триаде: “ксенофобия, насилие, женоненавистничество”, а страх по поводу исламского фундаментализма и его вариаций – исламизма и интегризма – то и дело смыкается с идеями антимусульманства и даже расизма. К концу XX века заметно распространился феномен исламофобии во всех сферах жизни западных стран. Каковы бы ни были причины распространения этого феномена, фактом остается то, что он оказывает серьезное воздействие на внутри - и внешнеполитическую жизнь многих стан мира.

Касаясь термина «исламофобии», используемого в этой статье, следует отметить, что этимологически данный термин происходит из двух слов: «ислам» как название мировой религии и «фобия» («phobia» с латинского языка) означает «страх», «боязнь». Таким образом, «исламофобия» буквально означает «страх к исламу», «боязнь ислама».

Справедливо будет отметить, что исламофобия – это явление, навязанное людям с определённой целью. Данная фобия отличается от других по двум признакам. Первый – исламофобия существует не на подсознательном уровне, а идёт извне, являясь психологическим оружием, умело разработанным и расчётливо внедрённым в общество. Второй – исламофобия необходима определённым мировым кругам, которые используют её в качестве практического инструментария для получения политических и материальных дивидендов.

Ведущей тенденцией в интерпретации данного феномена со стороны западноевропейских политиков является их стремление связать исламофобию с исламизмом. При этом они стремятся показать исламизм как питательную среду для современного терроризма и доказать, что исламизм по большей части остается явлением, проповедующим социальную деструкцию и нестабильность, что объединяет его непосредственную связь с терроризмом.

Исследуя ситуацию с исламофобией в мировом информационном пространстве, можно прийти к выводу, что проявления этого современного культурно-психологического феномена встречаются время от времени в самых разных информационных ресурсах, как печатных, так и электронных. В то же время, если взять наиболее полный и наиболее информативный свод источников – всемирную паутину – отметим, что ресурсов, всю тематику которых можно определить как исламофобскую, - очень много. На сегодняшний день в этих целях активно пользуются такие социальные сети и Интернет-ресурсы, как Facebook, Tumbler,Twitter. По словам Асомуддина Атоева, главы Ассоциации Интернет-провайдеров Таджикистана, у исламофобов в этих социальных сетях более 30 тыс. аккаунтов, более 13–миллионная аудитория, а видео таджикских боевиков,

[1] Аспирант Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН РТ

которые воюют в Сирии, в You Tube набрало до 70 тыс. просмотров.[1]

В русскоязычном Рунете под определение "исламофобский" однозначно попадает ресурс "Православие и ислам", который ведет "православный публицист" Юрий Максимов и священник-миссионер Даниил Сысоев. Квинтэссенция исламофобии на этом сайте ярко проявляется особенно в рубрике "насилие", в которой в религиозно-апологетическом ключе, с привлечением, в том числе, и исторических материалов делается попытка доказать, что насилие и вытекающие отсюда другие негативные черты имманентно присущи исламу[2].

Очень много ресурсов, могущими быть идентифицированными как исламофобские, находятся в англоязычном Интернете. Ниже приводим несколько любопытных англоязычных исламофобских сайтов, наиболее цитируемых на международных поисковых порталах. Это такие сайты, как «Western resistance», «10 Miths about Islam», «Annaqed», «Dark side of Islam», «Tell children the truth», «No to Sharia», «World Net Daily» и др.

В первую очередь - это сайт "Western resistance" ("Западное сопротивление"). Редакторы сайта достаточно прозрачно излагают свою позицию. По их мнению, одним из основополагающих принципов религиозной доктрины ислама является превращение территории войны (дар уль-харб) в территорию мира (дар уль-ислам), что реально возможно только через перманентную войну и теракты, являющиеся для мусульман религиозным долгом.

Другой сайт под красноречивым названием "10 мифов об исламе" пытается с религиоведческой позиции критиковать и развенчать следующие положения: о том, что Коран – слово Божие, что Аллах – это и Бог Библии, что мусульмане почитают Христа, что Мухаммад – пророк Божий и в его личности воплотились библейские пророчества, что ислам – миролюбивая, толерантная религия, что женщины в исламе имеют равные права и, наконец, что ислам – это религия, дающая вечное спасение.

Сайт "Аннакед" (араб. – критик), выходящий на английском и арабском языках, посвящен вопросам войны цивилизаций, а также вопросам свободы вероисповедания в мусульманской среде.

Сайт под красноречивым названием "Dark side of Islam" ("Темная сторона ислама") создал некий отец, чей сын погиб во время событий 11 сентября 2001года в США. Предметом жесткой критики здесь служит связь ислама с терроризмом, а также арабо-мусульманские действия на Ближнем Востоке.

Четкую политико-пропагандистскую направленность имеет сайт под говорящим названием "Tell children the truth" ("Скажи детям правду") основная цель которого - показать историческую и типологическую связь между современным "джихадизмом" и гитлеровским нацизмом. Эта связь анализируется через личность Амина аль-Хуссейни, довоенного муфтия Иерусалима, который имел добрые отношения с итальянскими фашистами и гитлеровскими нацистами, а впоследствии - также с братьями-мусульманами, палестинскими национал-радикалами Ясира Арафата и иракскими баасистами Саддама Хуссейна. Сайт имеет довольно впечатляющую иллюстративную часть.

Специфическую исламофобскую нагрузку несет сайт, созданный самими мусульманами, хотя бы по происхождению. Речь идет о канадском веб-ресурсе "Нет – шариату". Ведут его некие эмансипированные канадки иранского происхождения и посвящен он противостоянию не только конкретным попыткам введения шариата в мусульманских общинах, но и вообще шариату как таковому. На первый взгляд, его можно было бы отнести просто к критическим по отношению к исламу, однако тотальное и призывно-пропагандистское неприятие шариата в контенте позволяет отнести ресурс к категории исламофобских..

Отметим также активно цитируемый веб-сайт "WorldNetDaily" который, используя лексикон нынешних мусульман-

---

[1] См.: У вербовщиков – миллионные аудитории// Asia-Plus, № 36(1019) от 11 мая 2015 г.

[2] Моисей Литвак. Исламофобия в Интернете// [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.portal-credo.ru/site/?act=netnav&id=107

ских пропагандистов, можно охарактеризовать как "просионистский". Довольно регулярно на нем появляются материалы исламофобского содержания. Особенное внимание следует обратить на авторскую рубрику " Контрудар" Джозефа Фарры, араба-христианина по происхождению. В ней довольно часто появляются статьи, остро направленные против ислама как религии.

Институт предотвращения онлайн-ненависти – австралийская организация, занимающаяся проблемой растущей интернет-ненависти, выпустила доклад, посвященный онлайн-ненависти по отношению к мусульманской общине. Авторы доклада «Исламофобия в интернете: рост онлайн-ненависти по отношению к мусульманам» просмотрели и проанализировали страницы Facebook и изучили антимусульманские комментарии.

Наличие таких страниц в Facebook, особенно тех, чьей единственной целью является содействие языка вражды по отношению к религиозной группе, весьма серьезная проблема. Богословская дискуссия и критика религии должны быть защищены в соответствии свободой выражения, однако, поношение группы людей на основе их религиозных убеждений или практик является одним из серьезных оскорблений человеческого достоинства.

Эксперты изучили 50 анти-мусульманских страниц Facebook, на которых было обнаружено 349 изображений анти-мусульманского характера, из которых 191 уникальных изображений, а остальные повторяются от страницы к странице. Сообщения ненависти на этих страницах составители доклада разделили по 7 темам: 1) Мусульмане как угроза безопасности или угроза общественной безопасности; 2) Мусульмане как культурная угроза; 3) Мусульмане как экономическая угроза; 4) Публикации, обесчеловечащие и демонирующие мусульман; 5) Угрозы насилия, геноцида и прямые насильственные нападения на мусульман; 6) Угрозы насилия по отношению к беженцам; 7) Другие формы анти-мусульманских публикаций. Граждане США, Великобритании и Австралии продемонстрировали наибольшую поддержку таких публикаций на страницах социальной сети[1].

Данный доклад также направлен на Facebook. Авторы доклада надеются, что конкретные страницы социальной сети будут изучены и удалены. Также они надеются, что подобная ситуация станет причиной дискуссии о борьбе с пропагандой ненависти в отношении мусульман в Facebook и приведет к улучшению системы социальной сети, его принципов. Подобный доклад, составленный в странах Европейского Союза был направлен на привлечение внимания к проблеме языка вражды в социальной сети в такой степени, что подобные публикации становятся рычагом в разжигании ненависти в отношении мусульман и в настоящее время циркулирует в обществе. Авторы доклада надеются, что эти данные помогут общественным лидерам, политикам, законодателям и исследователям лучше понять и реагировать на эту угрозу интегрированного общества[2].

Широкий доступ к онлайн-разжиганию ненависти в отношении конкретных групп имеет отрицательное влияние на общество в целом, не говоря уже о многих физических и эмоциональных последствиях. В демократии вовлеченность рассматривается как общественное благо, как таковые подобный язык вражды является нападением не только на мусульманскую общину, но и на общество в целом.

С помощью этих сайтов происходит мобилизация врагов ислама на гибридную войну. Такая война ведется Западом на идеологическом, на ментальном поле боя. Целью этой войны является борьба с традиционными ценностями мусульманских народов, навязывание западных ценностей.

---

[1]На подъеме - онлайн-исламофобия // [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://islam-today.ru/islam_v_mire/na-podeme-onlajn-islamofobia/

[2] Summary Report on Islamophobia in the EU after 11 September 2001//European Monitoring Center on Racism and Xenophobia by Christopher Allen, Researcher and Jorgen S, Nielsen, Professor of Islamic Studies, Centre for the Study of Islam and Christian-Muslim Relations, Department of Theology, The University of Birmingham, Vienna, May 2002, 56 p.

Аман Мамбетсеидов, заместитель председателя ГКНБ Кыргызской Республики, выступая в парламентском комитете по обороне и безопасности, сказал: «Наши молодые граждане, которых завлекли вербовщики экстремистов под предлогом получения иностранного образования, вступают в ряды оппозиционных групп в Сирии. В последние годы молодежь оказалась под влиянием интернет-ресурсов и сайтов в социальных сетях, на которых джихадисты ведут упорную пропаганду»[1].

Исламофобия как форма ксенофобии вышла на уровень медийного информационного пространства. Пресса ищет и изобличает «преступную сущность» исламского экстремизма и терроризма, формируя имидж мусульманина в СМИ с помощью группы политтехнологов. К этим группам относятся: а) работники СМИ; б) экспертное сообщество; в) исламские религиозные деятели, которые дают многочисленные интервью, комментируют события и т. п.

Структурно формирование этого имиджа состоит из следующих компонентов: 1) мусульмане как некий объект, имидж (образ или облик) которого формируется; 2) потребители этой информации или адресаты этого информационного воздействия; 3) информационные технологи (те, кто этот имидж формирует), т.е. профессиональные имиджмейкеры, исполняющие определённый социальный заказ по ретрансляции фобийных установок. Следует отметить, что исламофобия, как медийный продукт, превратилась в очень опасное оружие. В виртуальном мире, обширное использование социальных медиа стало легкой и безнаказанной платформой для распространения пропаганды ненависти.

По нашему мнению, хотя в исламофобии и присутствует ислам, это связано не с исламом как религией мира и толерантности, а с наиболее крайними течениями исламизма (салафизм, ваххабизм). Такое деструктивное явление как исламофобия – необходимо преодолеть. Это означает, что представители как христианской, так и мусульманской цивилизации должны сделать шаг на встречу к примирению на всех уровнях, в том числе и в Интернет пространстве.

В Интернете необходимо развивать проекты, связанные с прекращением тенденции нарастающей радикализации молодежи, снизить накал религиозного радикализма. Решение расовой и религиозной дискриминации требует и изменение законов. Требуются совместные усилия, чтобы бросить вызов негативному поведению и изменить культуру отношений между мусульманами и последователями других религий.

Как справедливо писал Тарик Рамадан, «Если Европа хочет выиграть пари культурного и религиозного плюрализма в своих обществах, ей нужно срочно оставить логику невмешательства, и развивать диалог, переговоры и доверие, которые настоятельно необходимы между государством и его гражданами, как средство против вмешательства иностранных государств во внутренние дела. Это поступок правового демократического государства, которое уважает закон и своих граждан в равной мере»[2].

От себя добавим, что и Интернет должен стать площадкой для межрелигиозного диалога между цивилизациями, а не конфликта, толерантности, а не враждебного отношения к исламу и мусульманам, исламофилии, а не исламофобии, сосуществованию культур, а не столкновений цивилизаций, плюрализма мнений, а не религиозного фанатизма. Интернет-ресурсы должны способствовать получению знаний о религии и культуре друг друга, так как только знание способно ломать любые границы и стереотипы.

Таким образом, исламофобия как политический фактор используется в сети Интернет определенными западными кругами в качестве практического инструментария для получения политических

[1] Кыргызстан намерен остановить вербовку на войну в Сирию//Asia-plus, №37(920) 15 мая 2014 г., с. А10

[2] Ramadan T. Le musulmans de l“Europe prises en tenaille// Le Monde diplomatique. Juin, 2000. – P. 12 - 13. (Рамадан Т. Европейские мусульмане, взятые в тиски); Цхурбаев А. Влияние ислама на современные европейские процессы // [Электронный ресурс]. Режим доступа: http:// http://www.darial-online.ru/2003_5/tshurbaev.shtml

и материальных дивидендов. Как психологическое оружие, умело разработанное и расчётливо внедрённое в общество, исламофобия используется во внутри – и внешнеполитической борьбе западных стран для достижения политических, экономических, идеологических и других целей на национальном, региональном и глобальном уровнях.

**Литература**


1. Кыргызстан намерен остановить вербовку на войну в Сирию//Asia-plus, №37(920) 15 мая 2014 г.
2. Литвак М. Исламофобия в Интернете // [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.portal-credo.ru/site/?act=netnav&id=107
3. На подъеме - онлайн-исламофобия // [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://islam-today.ru/islam_v_mire/na-podeme-onlajn-islamofobia/
4. У вербовщиков – миллионные аудитории // Asia-Plus. № 36(1019) от 11 мая 2015 г.
5. Цхурбаев А. Влияние ислама на современные европейские процессы // [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.darial-online.ru/2003_5/tshurbaev.shtml
6. Ramadan T. Le musulmans de l"Europe prises en tenaille// Le Monde diplomatique. Juin, 2000. – P. 12 - 13.
7. Summary Report on Islamophobia in the EU after 11 September 2001//European Monitoring Center on Racism and Xenophobia by Christopher Allen, Researcher and Jorgen S, Nielsen, Professor of Islamic Studies, Centre for the Study of Islam and Christian-Muslim Relations, Department of Theology, The University of Birmingham, Vienna, May 2002, 56 p.


**Н.С. Раҷабов**

**Истифодаи шабакаҳои Интернет ба мақсади густурдани руҳияи исломситезӣ дар байни ҷавонон**

Дар ин мақола падидаи исломситезӣ дар фазои иттилоотии ҷаҳон, аз ҷумла дар Интернет мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таҳлили мундариҷаи захираҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ мисли Facebook, Tumbler,Twitter ва ғ. нишон медиҳад, ки интишори ин гуна маводҳо ҳамчун фишанг барои доман задани руҳияи бадбинӣ нисбати мусулмонон ва густурдани домани он дар байни ҷавонон аз тарафи давраҳои муайян истифода мешаванд ва боиси таҳдид ба равандҳои интегратсионӣ дар ҷаҳон мегарданд.

**Вожаҳои калидӣ:** шабакаҳои иҷтимоӣ, стереотипҳо, исломҳаросӣ, интернет, захира, ксенофобия, бадбинии он лайн, силоҳи равонӣ.

**N.S.Rajabov**

**The Use of the Internet Network for Blowing of Islamophobic Moods Among Young People**

The article analyses the phenomenon of Islamophobia in outer informative space, namely in Internet space. Content-analysis of Internet resources and social networks such as Facebook, Tumbler, Twitter et al shows that similar publications become a lever in kindling of hatred in regard to Muslims, blow up Islamophobic moods among young people, become a threat to the integration processes in the world.

**Keywords:** social networks, stereotype, Islamophobia, internet, resource, xenophobia, on-line-kindling of hatred, psychological weapon.

# МАФҲУМ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ШИНОХТИ ПАДИДАИ БУНЁДГАРОӢ

**Искандари Шаҳракӣ**[1]

Муаллиф дар мақолаи худ мафҳум ва методологияи бунёдгароиро бо истифода аз назару амалкардҳои онҳо мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф бунёдгароиро дар маҷмӯъ идеологияи сиёсӣ дониста ва онро дар тақобул бо модернизми ғарбӣ зикр мекунад. Ва ҳамчунин онро як падидаи модерн зикр кардааст, ки барои расидан ба ҳадафҳои худ аз ҳамаи дастовардҳои наву модерн истифода мекунад.

**Вожаҳои калидӣ:** Бунёдгароӣ, неофундаментализм, идеология, дин, модернизм, сиёсат, секуляризм, ақлгароӣ, либерализм, тоталитаризм.

Калимаи бунёдгароӣ баргирифта аз калимаи лотинии (fundamentum) ба маънои бунёну рукн ва аслу асос аст. Бунёдгароӣ як истилоҳи қадимӣ аст, ки қаблан дар мавриди мутаассибони динӣ, махсусан он даста аз масеҳиён, ки ба пазируфтани ҳеҷ гуна таъбиру тафсири инҳирофӣ дар китоби муқаддас нестанд, ба кор мерафт.[2]

Дар истилоҳ бунёдгаро ба касе гуфта мешавад, ки муътақид ба маънои зоҳирии китоби муқаддас аст ва худро маҷбуру муқайяд ба тафсири он намедонад.[3]

Бунёдгароӣ як равиши тафаккур аст, ки бар асоси он усулеро, ки дорои эътибори тағйирнопазир ва фавқулоддае мебошанд, сарфи назар аз муҳтаво ва дарунмояи онҳо ба унвони ҳақоиқи асосӣ ба шумор меоварад. Бинобар ин, ҷанбаҳои муштараки бунёдгароии ҳақиқӣ андак аст, ё асосан ваҷҳи иштироке надоранд.

Агарчи бунёдгароӣ маъмулан даъвогари дин ва аҳамият додан ба матнҳои муқаддас аст, аммо дар ҳаракатҳои сиёсӣ низ ёфт мешавад, ҳатто метавон гуфт, ки шаккокияти либералистӣ низ дорои ин эътиқоди бунёдгароёна аст, ки ба назари онҳо тамоми назарияҳо ба ҷуз назарияи либералистӣ бояд мавриди тардид қарор гиранд.

Агар меъёри ҳаққу ботил мутобиқат доштан ва ё надоштан бо воқеъ бошад, меъёри куфру имон барои бунёдгаро саркашӣ кардан ё таслим будан дар баробари масъалаест, ки ҳақ пиндошта шудааст.[4]

Вожаи бунёдгароӣ як вожаи баҳсангез аст. Аз нигоҳи бисёре, ин вожа ба маънои саркӯб ва тасоҳул надоштан буда ва душмани арзишҳои либералистӣ ва озодии шахсӣ аст. Бо фурӯпошии коммунизм дидгоҳи боло тақвият шуд ва бисёре аз афродро дар Ғарб ташвиқ кард, то бовар кунанд, ки бунёдгароии динӣ, ба вижа бунёдгароии исломӣ, ҷойгузини марксизм ба унвони хатари аслӣ барои назми ҷаҳон шудааст. Бинобар ин, бо поён ёфтани асри Ҷанги Сард боиси бархурди тамаддунҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ шуд.

Чун бунёдгароиро нишондиҳандаи таҳаммулнопазирӣ, хушкандешӣ ва иқтидоргароӣ донистаанд. Бинобар ин, бисёре аз касоне, ки ба унвони бунёдгаро табақабандӣ шудаанд, ин вожаро аз

---

[1] Унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ

[2] Маҳмуд Тулуъӣ. Фарҳанги ҷомеи сиёсӣ. –Теҳрон: Интишороти бун, 1372 ҳ.ш. - С. 285.

[3] Алӣ Оқобахшӣ. Фарҳанги улуми сиёсӣ. –Теҳрон: Интишороти маркази иттилооти мадорики илмии Эрон, 1374 ҳ.ш. - С. 139.

[4] Абулқосим Фаноӣ. «Сифоти борӣ ва каломи борӣ». //Маҷаллаи оин//, 1387 ҳ.ш. №18-17, - С. 57.

лиҳози мафҳумӣ содаангорона ё таҳқиромези он мардуд мешуморанд. Аммо бар хилофи вожаҳои ҷойгузини он, монанди «суннатгароӣ», «муҳофизакорӣ», «дурустоинӣ» ва «эҳёгароӣ» вожаи бунёдгароӣ аз ин имтиёз бархурдор аст, ки баёнгари моҳияти мушаххаси падидаи сиёсӣ аст.

Равандҳое, ки бо бунёдгароии динӣ дар даҳсолаи охири асри XX сурат гирифт, боиси ҳайрати ҳаводорони ба истилоҳ назарияи ғайримазҳабӣ кардан қарор гирифт. Зеро онҳо бар ин эътиқод буданд, ки навсозӣ, ба вижа саноатӣ кардан, ҳамвора ҳамроҳ бо пирӯзии ақл бар дин аст ва арзишҳои маънавӣ ҷои худро ба арзишҳои моддӣ медиҳанд. Назарияе, ки бо ренессанс оғоз шуда, боис шуда буд, ки фаъолияти фикрӣ ба унвони як кори иҷтимоӣ ташвиқ шавад, на ба унвони тафаккури маҳдуду маҳбус, ки ҳадафе ҷуз ҳифзу нигаҳдории як мазҳаби маълуму майян надорад.[1]

Дар бисёре аз нуқоти ҷаҳон чунин менамояд, ки ҷунбишҳои динӣ аз тавонмандии тозае бархурдор шудаанд. Бар замми ин, бунёдгароӣ як шакли сиёсии ошкоро ба худ гирифтааст, ки бунёдгароии диниро бояд ба навбаи худ як идеология ба шумор овард, бар ин бовар устувор аст, ки дин пайванде ногусастанӣ бо қонун ва сиёсат дорад.

Бо ин ки бунёдгароии динӣ такя бар гузашта мекунад ва ошкоро бо навгароӣ меситезад, аммо ба ҳамон андозаи навгароӣ худ падидаи дунёи навин аст. Бунёдгароии динӣ зимни он ки аз инҳитоту фасоди ҷомеаи муосир интиқод мекунад, аммо фановарии муосир, иртибототи электроникӣ, дастгоҳи давлати навин ва ҳатто гоҳе низ мушакҳои атомиро пазиро мешавад. Ин бунёдгароии динӣ як фарзанди номашрӯи навгароӣ аст. Он чи равшан аст, ин аст, ки бунёдгароӣ дар ҷомеаҳое падид меояд, ки амиқан дучори буҳронҳо ҳастанд, ба вижа он ҷомеаҳое, ки дастхуши як буҳрони ҳуввияти воқеӣ ё тасаввурӣ мебошанд. Аз миёни омилҳое, ки чунин буҳронҳое дар охирҳои қарни бистум доман задаанд, чаҳор омили он, яъне раванди ғайримазҳабӣ кардан, давраи баъд аз истеъмор, шикасти сотсиализми инқилобӣ ва раванди ҷаҳонӣ кардан ба тарзи хоссе бо бунёдгароии динӣ дар иртибот аст.

Дар корбурди аслии вожаи бунёдгароӣ дар масеҳияти протестанти амрикоӣ ва чӣ дар дигар корбурдҳои он дар дигар мактабҳо ва динҳо радду тақобул бо омӯзаҳо ва усули модернизми ғарбӣ вуҷуд дорад. Бар ин асос, бунёдгароӣ дар тақобул бо модернизми ғарбӣ шакл гирифтааст ва ошкоро бо секулярисозӣ ва модернизм мухолиф аст,[2] махсусан тамаддуни модерне, ки муҳимтарин вижагии он такя бар инсон ё гуманизм аст.[3]

Бунёдгароии динӣ як идеологияи сиёсии номаъмул аст. Дар ҳоле ки баъзе бунёдгароён даъвогари хушунат ва иқдоми сиёсии мухолиф бо қонун будаанд, соири бунёдгароён аз итоат аз қонун ва рафтори мусолиматомез ҷонибдорӣ кардаанд. Як чунин тафовутҳое нишонгари ин ҳақиқат аст, ки бунёдгароии динӣ асосан бештар як равиши тафаккури сиёсӣ аст, то як маҷмӯа аз ақоид ва арзишҳои сиёсӣ.

Фарқияти бунёдгароӣ аз дигар идеологияҳо дар ин аст, ки ақоиди диниро на ба унвони як василаи дифоъ ё шоху барг додан ба оинҳои сиёсӣ, ки ҳамонанди моддаи аслии худи тафаккури сиёсӣ медонад, балки ба унвони барномае барои бозсозии комили ҷомеа бар асоси сиёсатҳои

---

[1] Бертранд Рассел. Таърихи фалсафаи Ғарб. Тарҷумаи Наҷафи Дарёбандарӣ. – Теҳрон: Интишороти ширкати саҳомии китобҳои ҷайбӣ, 1340 ҳ.ш. - С. 383.

[2] Юрген Хобермас ва дигарон. Террор ва тафаккур. Тарҷумаи Амрхушанги Ифтихории Род ва Нодири Футуҳӣ. – Теҳрон: Нашри Чашма, 1389 ҳ.ш. - С. 26.

[3] Дорюши Ошурӣ. Мо ва модерн礙ият. – Теҳрон: Интишороти тулӯи озодӣ, 1376 ҳ.ш. - С. 59.

динӣ ва бар тибқи усули динӣ дар назар мегирад. Бунёдгароӣ дархӯри он аст, ки дар ҳақиқат ба унвони як идеология ба шумор ояд. Идеологияе, ки монанди ҳамаи идеологияҳои ҷунбишҳои тоталитарӣ, на танҳо барои соҳибони қудрат, ки барои элитаи ҷомеа низ бисёр ҷозиба дорад.[1] Аммо баъзеҳо бунёдгароиро ба унвони зергунаи миллигароӣ таъбир кардаанд ва ба сахтӣ метавон инкор кард, ки бунёдгароӣ дар баъзе мавридҳо дар қолиби як шакл аз миллигароии динӣ амал мекунад. Бо вуҷуди ин, бунёдгароии динӣ ҳадди ақал дар шаклҳои ифротитари он, комилан аз исботи дубораи фарқияти миллӣ ё қавмӣ меравад, ба вижа дар мавриди ислом ин дин аз як бӯъди фаромиллӣ, яъне уммати исломӣ бархурдор аст.

Бояд гуфт, ки таъсири дин бар ҳаёти сиёсӣ дар асари густариши фарҳанг ва ақоиди либералистӣ ба тадриҷ маҳдуд шуда ва Ғарб табиатан дар ин замина пешқадам аст. Бо ин васф, секуляризми либералистӣ ба ҳеҷ рӯ як гароиши динзудоӣ нест, балки моил ба эҷоди як арсаи «нақши хос» барои дин мебошад. Як вижагии муҳими фарҳанги либералистиро ҷудоии комил миёни қаламрави умумӣ ва хусусии зиндагӣ ташкил медиҳад. Қаламрави умумии зиндагӣ ба воситаи қоидаҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд ва тобеи иқтидори сиёсӣ аст. Дар қаламрави хусусии зиндагӣ мардум аз ин озодӣ баҳраманд ҳастанд, ки ба майли худ рафтор кунанд.

Бартарии бузурги ин фарқият аз нигоҳи либералӣ ин аст, ки бо маҳдуд кардани қудрати давлат ба лиҳози дахолат дар корҳои шахсӣ ё хусусӣ, озодии фардро тазмин менамояд. Аммо, дар зимн, осор ва аворизи муҳиме барои дин дорад, зеро онро ба зиндагии хусусӣ маҳдуд мекунад ва иҷоза медиҳад, ки зиндагии иҷтимоӣ бар як пояи дақиқан ғайридинӣ сомон ёбад. Раванди ғайримазҳабӣ кардан аз роҳи «хусусисозии дин» тақсимбандии зиндагии умумӣ ва хусусиро ба фарқияте миёни сиёсат ва дин табдил кардааст. Ошкортарин ҷилваи он ҷудоии калисо аз давлат аст. Дарвоқеъ, давлат озодиҳои диниро таъмину тазмин мекунад ва дар корҳои дин, ки мустақил аз давлатанд, дахолат ва нуфуз намекунад.[2]

Бахши бузурги рӯҳи бунёдгароии диниро бояд дар мухолифати он ба тақсимбандии зиндагӣ ба умумӣ ва хусусӣ ҷустуҷӯ кард. Аз як ҷиҳат, бунёдгароӣ мазҳаре аз сиёсати ҳуввият аст. Бунёдгароён мӯътақиданд, ки эҷоди як қаламрави умумии зиндагӣ бар пояи ғайридинӣ ва ақлгароёна боиси заиф шудани бофтҳо ва арзишҳои расмшудаи ҷомеа намуда ва афроди зиёдеро аз ҳуввияти худ бегона кардааст. Дақиқан, ҳамин худдории бунёдгароӣ аз пазириши ин мавзӯъ, ки дин танҳо як кори хусусӣ ё шахсӣ аст, бунёни идеолигияи бунёдгароиро ташкил медиҳад. Динро фақат ба унвони як кори шахсӣ ё маънавӣ ба шумор овардан, ба ин маъност, ки ба шарру фасод иҷозат диҳем, ки бар қаламрави умумӣ, яъне тарвиҷи бебандуборӣ, моддигарӣ, фасод, озмандӣ, ҷиноят ва бе таваҷҷӯҳӣ ба ахлоқиёт тасаллут пайдо кунанд. Роҳи ҳалли бунёдгароӣ барои ин мушкил роҳкори соддае аст, яъне дунё бояд аз нав сохта шавад, сохторҳои мавҷудро бояд бо як низоми комили мубтанӣ бар усули динӣ ва пазирои қонун, сиёсат, ҷомеа, фарҳанг ва иқтисод бино ниҳод.

Бо ин ҳол, вокуниши бунёдгароён дар баробари фасоди сарчашмагирифта аз қаламрави умумии моддии зиндагӣ метавонад, ба ду шакл зоҳир шавад:

Вокуниши нахуст, ки гоҳе «бунёдгароии мунфаъил» номида мешавад, роҳи ақибнишиниро дар пеш мегирад ва кӯшиш мекунад, то ҷомеае аз мӯъминонро, ки дар

[1] Ҳана Арент. Тоталитаризм. Тарҷумаи Муҳсини Салосӣ. –Теҳрон: Интишороти ҷовидон, 1366 ҳ.ш. - С. 70.

[2] Шайдон Васиқ. Лоисизм чист? –Теҳрон: Интишороти ахтарон, 1387 ҳ.ш. - С. 170.

асари эҷоди ҷомеаи бузург олуда нашудаанд, эҷод намояд ва ба ҷои он ки ба эҳёи комили дин бипардозанд, маъмулан таваҷҷӯҳи худро маътуф ба риояти усули динӣ дар зиндагии шахсияшон менамоянд.

Вокуниши дуюм, вокуниши «бунёдгароёни фаъол» аст, ки роҳу равиши ибрози мухолифат ва пайкорро дар пеш мегирад. Фақат бунёдгароии фаъолро бояд як идеология ба шумор овард, он ҳам ба ин далел, ки фақат ин навъ бунёдгароӣ аст, ки ошкоро мавзеъгирии сиёсӣ мекунад. Инҳо ба ҳеч рӯ сиёсатро зотан фосид намедонанд ва балки онро ба унвони як абзори таҷдиди ҳаёти ахлоқӣ ба шумор меоваранд, маъмулан дар сададанд, ки давлати навинро ба даст оварда ва ё дасти кам битавонанд дар он эъмоли нуфуз кунанд.

Мунтақидони бунёдгароӣ истидлол мекунанд, ки дақиқан ҳамин азм ба аз миён бурдани фарқият миёни дин ва сиёсат як ангезаи тоталитариро ба бунёдгароӣ медиҳад. Бо вуҷуди ин, дараҷаи таслим шудани бунёдгароён ба ангезаи тоталитарӣ ба миқдори зиёде мутафовит аст.[1] Аммо бунёдгароӣ ҳаргуна муҳтавое, ки дошта бошад, дарбардорандаи навъе бозгашт ба пояҳо ва бунёдҳои холисонаи имон аст ва он чизе, ки ба унвони усули ҳақиқӣ пазируфта шудааст.[2]

Нуқтаи қуввати бузурги бунёдгароӣ қобилияти он аз лиҳози эҷоди амалгароии сиёсӣ ва басиҷи имон аст. Бинобар ин, бунёдгароӣ дар ду сатҳи равоншинохтӣ ва иҷтимоӣ амал мекунад.

Аз назари равоншинохтӣ ҷозибаи он бар пояи тавонмандияш дар арза кардани яқин дар як дунёи нопойдор аст. Лозимаи диндор будан пардохтан ба баъзе амиқтарин ва шигирфтарин мушкилотест, ки рӯёрӯи инсон қарор дорад. Аммо бунёдгароӣ роҳи ҳалҳоеро пешниҳод мекунад, ки содда, амалӣ ва муҳимтар аз он мутлақ ҳастанд.

На территории Бухарского эмирата действовали 67 казиев и 68 раисов, однако из последних 36 должностей являлись несамостоятельными, объединялись с казиями и их называли казираисами[2].

Здесь же следует указать, что, кроме казия, занимающиеся общим судопроизводством, назначались кази со специальным полномочием. К ним относился и военный судья[3]. В отличие от от сасанидского времени, в исламский период развития судопроизводства военный судья входил в судебную систему. В данный период военный судья и военный муфтий в иерархии судебных органов стояли выше своих гражданских коллег. Так, при прибытии военного судьи на местность гражданский судья автоматически смещался и вместо него обязанности судьи этой местности исполнял военный судья. Данное положение указывает на значимость военного сословия при правителях Шибанидах, Аштарханидах, при первых мангитах. Военный судья был уполномочен разбирать и разрешать дела среди военных, в отношении военных и если иск был вчинен военным. Следует согласиться с мнением, высказанным в литературе о том, что сферы разбирательства гражданского и военного судьи не были ограничены, они по существу были идентичными, поэтому по прошествии нескольких лет могли легко заменить друг друга.[4]

На примере института раисов можно проследить органическую связь судебной и религиозной власти. Раисы осуществляли контроль за выполнением жителями правил культа, напоминали должникам об уплате налогов, наблюдали за общественным порядком, за чистотой улиц и дорог, за правильностью торговли на базарах. Они подвергали нарушителей телесному наказанию – ударам "дурры", а затем накладывали штраф, размер которого устанавливали сами. Все преступления, не носившие уголовного характера, - обман во время торговли, не исполнение молитвы, лишение детей и женщин наследства и учебы, не соблюдение поста, неуплата налогов и т.п. – входили в ведение раиса. Каждый раис имел двух-трех наибов – заместителей и 20-30 мулазимов. Ему подчинялись имамы всех мечетей, шейхи мазаров и мударрисы (преподаватели) мактабов[5].

Судебная власть, кроме казиев и раисов, принадлежала также кушбеги и лицам местной администрации – бекам, амлакдарам, которые пользовались правом разбора различных дел. Кушбеги рассматривал дела, участниками которых являлись мусульмане и иностранцы, независимо от их подданства и нацональности. Он также разбирал жалобы иностранцев - мусульман на бухарских подданных и наоборот, считаясь в таких случаях единственной и окончательной судебной инстанцией в пределах эмирата, хотя на его решение формально можно было принести жалобу эмиру[6].

[1] Разыков Ш. Указ.раб. - С.13.
[2] Маджлисов А. Указ. раб. - С.53.
[3] Сипох-довар, кази лашкар, козии аскар обозначение военного судьи в разное время и при разных правителях исторического Таджикистана.

[4] Буриев И.Б. Судебные институты государственности. - С.69-70.
[5]Маджлисов А. Указ. раб. - С.65.
[6] Разыков Ш. Указ. раб. - С.41.

Таким образом, исследование исламского периода развития истории судопроизводства в досоветском Таджикистане, показало следующие особенно яркие факты, процессуального характера, присущие этому периоду:

-источниками процессуального права являлись Коран, хадисы, иджма, кияс, нормы обычаев, доктрины определенных религиозно-правовых школ;

-казий был основным институтом совершения правосудия;

-многосубъектность системы правосудия и должностных лиц, занимающихся применением права, в том числе суд – мазалим, мухтасиб –раис, кушбеги, административные чиновники и др.;

- разделение судей по полномочиям - на судью общего и судью специального полномочия; установление и действие специального суда – военного судьи в составе системы суда;

-развитие теории независимого суда и практическая борьба казиев за это;

-формирование состава суда казия, установление правил судопроизводства.

**Литература:**


1. Буриев И.Б. Действие мусульманского права в дореволюционном Таджикистане. Душанбе, 1999. - С.49
2. Мухиддинов И. Особенности традиционного земледельческого хозяйства припамирских народностей в XIX-XX вв. Душанбе, 1984. - С.34.
3. Мирза Бади Диван. Маджма ал-аркам. Приемы документации в XVIII в. / Введение, пер. и прилож. А.Б.Вильдановой. М.,1981. - С.52.
4. Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана. Душанбе, 2001. Т.2,ч.1-2. - С.32; Буриев И.Б. Развитие правовой системы Таджикистана (вопросы преемственности) // Национальные правовые системы стран СНГ в условиях глобализации и региональной интеграции. Материалы Международной конференции (19-20 ноября 2007 г., Душанбе / Отв. ред. Ф.Т.Тахиров. Душанбе, 2007. - С.150.
5. В административно – территориальном отношении Бухарский эмират делился на бекства, во главе которых стояли беки – самые крупные феодалы в своем бекстве.
6. Например, в Кулябе, Курган-тюбе, Балджуване, Дарвазе, Гиссаре, Каратегине и других крупных по территории и численности населения бекствах было по несколько казиев. А. Маджлисов в своей монографии относительно казийских судов, действовавших в Каратегине, писал: "Кази бекства назначался эмиром пожизненно, по народному обычаю его называли, как и в Бухаре, "верховным судьей" - Кази – калан, а остальных казиев назначал бек по представлению Кази – калана с обязательным утверждением Эмира… У Кази – калана было два заместителя в низшей и верхней части бекства. Кази – калан осуществлял непосредственно судебные функции на территории Гармского, Науданского, Камаровского амлякдарств. Все дела связанные с земельными вопросами, сельские казии не рассматривали, ими ведали сам Кази – калан и его наибы. В основном, сельские кази разбирали гражданские и мелкие уголовные дела". См.: Маджлисов А. Каратегин накануне установления советской власти. Сталинабад, 1959. - С.30.
7. Азизкулова Г.С. История государства и права Республики Таджикистан. Цикл лекций. Душанбе, 1995. - С.119
8. Семенов А.А. Очерк устройства. - С.41.
9. Азимов Ш. Государство и право Саманидов. Душанбе, 1999. - С. 122.
10. Вернадский Г.В. О составе Великой Ясы. С.43; Буриев И.Б. Указ.раб. - С.71-72; Саид Хасан Амин. Судопроизводство и судебная система Ирана. Тегеран, 2003. - С. 55-57 (на перс. яз.) и др.
11. Саид Хасани Амин. Указ. раб. - С.86.
12. Тахиров Ф. Т. История государства и права Таджикистана. Т.2. Ч.1. - С. 33.
13. Буриев И.Б. Действие мусульманского права в дореволюционном Таджикистане. - С.75-77.
14. Уложение Тимура. Ташкент: Фан, 1968.С.38; Солех Алипошо. Проблемы истории права. Тегеран, 1988. - С 265-268 (на перс. яз. ).
15. Солех Алипошо. Указ. раб. - С.71.
16. Сами Мирза Абдулазим. Тарих-и салатин-и мангития. М.1962. - С.121-122; Буриев

И.Б. Некоторые проблемы правового статуса должностных лиц и правовых институтов дореволюционного Таджикистана. Душанбе, 2005. - С.57.
17. Приложение о должностях и лицах, имеющих к ним касательство // Мирза Бади Диван. Маджмаъ ал-аркам. Приемы документации в XVIII в. / Поведение, перевод и приложение А.Б.Вильдановой. М.,1981.
18. Буриев И.Б. Государственно-правовое положение Бухарского Эмирата в XVII-XIX вв. // Актуальные вопросы развития законодательства: история и современность. Душанбе, 2005. Вып. 5. - С.6 (заметим, что идея разделения власти была знакома мусульманским правителям еще задолго до нашествия монголов. Это особенно ярко выражалось в попытке Буидов ограничивать власть халифа лишь в духовной и судебных сферах. Буиды в этих целях реализовали принцип двойственной власти по принципу "халиф-амир ул-умара". Затем эта система была усовершенствована Сельджукидами и другими правящими династиями. Более подробно об этом см.: Грюнебаум Г фон. Классический ислам. М., 1986. - С.131-136, 204.
19. Маджлисов А. Аграрные отношения в Восточной Бухаре в XIX-начале XX вв. Душанбе; Алма-Ата, 1967. - С.24-25.
20. Буриев И.Б. Судебные институты государственности досоветского Таджикистана. Душанбе, 2010. - С.54.
21. Маварди А. Книга казия. Багдад, 1977. Т.1. - С.122 (на перс. яз.).
22. Маджлисов А. Указ. раб. - С.63.
23. Буриев И.Б. Судебные институты государственности. - С.46.
24. Маджлисов А. Указ. Раб. - С.63
25. Разыков Ш. К истории советского суда в Таджикистане. Сталинобод, 1960. - С.14.
26. Крыльцов И.И. Государственное управление и суд в Среднеазиатских ханствах накануне завоевания Туркестана царской Россией / Ученые записки Свердловского юридического университета. Свердловск, 1947. Т.2. - С.49-50.
27. Разыков Ш. Указ. раб. - С.18.
28. Искандаров Б. Из истории Бухарского эмирата (Восточная Бухара и Западный Памир в конце XIX в.) Душанбе, 1963. - С.27
29. Разыков Ш. Указ.раб. - С.13.
30. Маджлисов А. Указ. раб. - С.53.
31. Сипох-довар, кази лашкар, козии аскар обозначение военного судьи в разное время и при разных правителях исторического Таджикистана.

**Ф.М. Абдулхонов**

**Хусусиятҳои рушди низоми судӣ ва истеҳсолоти судӣ дар давлатҳои Осиёи Миёна дар асрҳои XIV- XIX**

Дар мақолаи мазкур масоили рушди низоми судӣ ва истеҳсолоти судӣ дар таърихи давлатдори тоҷикон дар асрҳои XIV- XIX, ки яке аз падидаҳои муҳими давлатдории тоҷиконро ташкил медиҳад мавриди бараси қарор гирифтааст. Ҳамчунин муайян карда шудааст, ки дар баробари ҳуқуки исломӣ дар ин давра дар истеҳсолоти судӣ вобаста ба ҳукмронии давлатҳои алоҳида сарчашмаҳои гуногун истифода мегардиданд.

**Вожаҳои калидӣ:** низоми судӣ, истеҳсолоти судӣ, қозӣ, қозикалон, муфтӣ, аълам, шайхулисолм, хуқуқи мусулмонӣ, одатҳои ҳуқуқӣ ва ғ.

**F.M. Abdulhonov**

**Features of development of the judicial system and legal proceedings in the Central Asian states in XIV- XIX centuries.**

In the article the problems of the judicial system and legal proceedings in the history of the Tajik statehood XIV- XIX centuries. It was revealed that sources of law served as the sources of Islamic law, as well as other sources, including the legal customs.

**Keywords:** judicial system, court proceedings, Kazi, Kazikalan, couplings, alam, shayhulislam, Islamic law, legal practices.

# СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ИНСТИТУТА ВОЕННОГО СУДЬИ В ЗОРОАСТРИЙСКИЙ ПЕРИОД ИСТОРИИ ТАДЖИКИСТАНА

**Н.Д. Табаров**[1]

В статье исследуются вопросы становления и развития института военного судьи в зороастрийском периоде истории таджикской государственности. В ней выявлены причины учреждения данного института, взаимосвязи данного института с другими институтами правосудия, полномочия военного судьи. В работе также рассмотрены организационно-правовые проблемы функционирования военного судопроизводства в зороастрийский период.

**Ключевые слова:** история государства и права, история права Таджикистана, суд, институты правосудия, военный суд, институт военного судьи.

Формирование института военного судьи имело свои причины, а до этого многие государства вполне обходились и без специального института военного судопроизводства. Для разбирательства всех правовых споров функционировал единый суд. Многие государственные органы, в том числе гражданский суд предназначались для работы в мирное время, и это касается всех органов суда. Но в военное время, при иных чрезвычайных обстоятельствах, когда государственная власть была ослаблена внутренними и конфликтами или войной с внешними врагами, суд должен был выполнять совершенно другие функции. В древности при возникновении вышеуказанных обстоятельств, а также при рассмотрении дел с участием отдельных категорий граждан, в основном чиновников государства, военных, иных влиятельных людей из числа приближенных к правителю, местных руководителей, представителей духовенства принципы беспристрастности, справедливости и объективности рассмотрения дела судом нарушались. Понятно было, что при осуществлении правосудия в отношении перечисленных категории лиц требовались иные подходы.

Кроме вышеуказанных, в основном субъективных причин невозможности беспристрастного осуществления правосудия, существовало множество факторов объективного характера, например, заслуги перед государством, особенно военных лиц, которые защищали свою страну, завоевывали другие государства, приносили добычу и захватывали рабов для своего государства. Таким же образом авторитет и сила чиновников государства также объективно требовали иного подхода при разбирательстве их споров. От этого зависело доверие народа к государству и государственным институтам. Все вышесказанное и другие обстоятельства, которые необходимо было учитывать при обращении к суду отдельных категорий лиц, в том числе их профессиональные особенности, и стали причинами возникновения специализированных судов. Такие суды были уполномочены рассматривать и решать дела только в пределах специально переданных им полномочий. Они рассматривали строго определенные категории дел между определенными субъектами права, которые составляли исключительную подсудность этих судебных органов, в отличие от общего суда, который должен был рассматривать без исключения все споры по отраслям и категориям дел.

В отношении преступников из категорий влиятельных лиц поразительно точно высказался великий английский философ Джон Локк: "Крупные преступники ненаказуемы, так как они слишком сильны для рук правосудия"[2]. Они отражают реальное положение дел и в средневековой истории Таджикистана, особенно относительного феодалов, чиновников и военного сословия. Но согласно Сасанидскому Судебнику, "Суд должен всесторонне рассмотреть и разбирать всякую жалобу сторон".[3] Прави-

[1] Соискатель Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН РТ.

[2] Локк Д. Сочинения. В 3-х томах. М., 1985. Т.3. - С.366.

[3] Краткий Сасанидский Судебник / Перевод А. Ха-ликзаде. Душанбе: ЭР-граф, 2015. - С.137.

тели прошлого, принимая вызов представителей таких категорий населения, старались адекватно этим вызовам ответить, адаптировать государственные институты к борьбе с ними. Общество и, прежде всего, государство учреждало институты, которые могли усмирить аристократию, не подчиняющихся законам военных, зарвавшихся чиновников. К таким институтам мы относим институт мазалим и военного судью. Эти специализированные или квазисудебные органы, которые как в субъектном составе, так и в судоустройстве и судопроизводстве так или иначе, но все же отличались от судов общей юрисдикции, хотя и занимались осуществлением правосудия. Конкретным воплощением этой государственной политики в сфере правосудия мы считаем создание дивана мазалим, наделение юрисдикцией мухтасиба,[1] учреждение специального органа полиции, наделение чиновников местной администрации в древности и в средние века юрисдикционными полномочиями.

В древности в средние века и новое время представители военного сословия в основном были заняты как установлением правопорядка внутри страны, так и ведением войны на чужой территории. В отличие от других категорий лиц военным, военнослужащим была характерна ещё одна особенность – мобильность. Армия всегда находилась в движении, а военные могли совершить противоправные действия, проступки и преступления, которые угрожали интересам общества, государства, отдельных лиц. Много споров среди военных возникало и в связи с распределением военной добычи, завоеванных земель, военного снаряжения и т.д. Конечно, и против военных также совершались различные деяния и преступления. Проступки и преступления, совершенные военными и в отношении военных, должны были разрешаться, в том числе в судебном порядке. Но это можно было реализовать при условии, если войска находились в лагере или если совершение проступка или преступления происходило на территории, на которую распространялась компетенция гражданского судьи.

Система судебных органов всегда создается согласно территориальному принципу организации, поэтому компетенция всякого суда общей компетенции, в том числе первой инстанции, где должны были пройти разбирательства основной массы гражданских и уголовных дел, распространялась на определенную территорию. Этот фактор стал главным и определяющим при возникновении института военного суди в истории судопроизводства Таджикистана. Именно противоречие между местом совершения преступления и территориальным принципом рассмотрения споров сделало разбирательство дел с участием военных невозможным. Военного только в исключительных случаях (измена государству, совершение тяжких преступлений) могли отстранить от действующей армии для совершения над ним правосудия, при этом многие правонарушения и споры оставались неподсудными никому.[2]

При этом отметим, что принципы организации военного суда на первых порах в основном совпадали с принципами организации общего суда, но были между ними и кардинальными различия. Это касается, например, принципа территориальности, который не применим в отношении военных - самой мобильной категории населения. Военные суды действовали на основе иного принципа - персональной подсудности. Введением этого принципа был преодолен принцип территориальной ограниченности гражданского судопроизводства: военные суды создавались для определенной категории лиц – военных, а не по территориальному принципу.

Первая информация об институте военного судьи (сипохдовар[3]) относится ко времени Ахеменидов (550-329 гг. до н.э.).[4]

---

[1] Должностное лицо в мусульманских государствах, назначаемое для надзора за нравственностью, исполнением религиозных обрядов и обязанностей, за правильностью использования гирь и весов на базарах, вдобавок занимающееся и правосудием.

[2] См.: Сокит М. Институты правосудия в исламе. Тегеран, 1325. - С.414.

[3] Али Рафеи, Куруш Шафеи. Эволюция суда в Иранском праве (с древнейших времен до современности). Тегеран, 1393 г.х. (на перс. яз.).

[4] Территории нынешнего Таджикистана с 530 г. до н.э. входила в состав этой империи. См.: Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя, средневековая и новая история. В двух частях. Душанбе, 1998.

Исследователь Мухаммад Рашшод указывает, что в этот период правосудие осуществлялось со стороны судей, среди которых различались гражданские судьи и военные.[1] При этом судьёй, как правило, назначали представителя ученого сословия, а на должность военного судьи иногда занимали и представители других сословий"[2]. Апелляционной инстанцией для общего суда и военного служили вышестоящие судебные органы, данная система замыкалась правосудием главы государства. Не согласные с решением суда, имели право жаловаться и добиваться правосудия у главы государства - Царя царей.

Институт военного судьи, однажды учрежденный, существовал во все последующие исторические этапы развития государственности таджиков.[3]

При Сасанидах тоже существовал институт военного судьи. В их правление общество делилось на несколько сословий, основными среди которых считались духовенство, военные, крестьяне и ремесленники. Каждое сословие имело свои правила и законы, наряду с общим государственным законодательством. Существовали религиозные, административные, военные правила и нормы, касающиеся исключительно конкретных сословий[4].

При Сасанидах институт военного судьи назывался "сипахдовар".[5] Он разбирал не только тяжбы между военными, но рассматривал иски к военным, а также проступки и преступления, совершенные ими.

Исследователь Ф.М. Абдулханов в зороастрийскую систему правосудия включал гражданского судью, военного, судью обычного права, а также администрацию, имеющую полномочия осуществления правосудия.[6] Зороастрийский период –это один один из важнейших в истории государства и права таджиков. Именно при зороастризме и был издан институт военного судьи в правление Ахеменидов. Почти в неизменном состоянии он просуществовал до прихода арабов на территорию досоветского Таджикистана.

Следующий этап истории военного суда – это время сложения Арабского халифата (632-1258 гг.) и распространение его власти на территории досоветского Таджикистана, что привело к возрождению института военного судьи и на этих территориях.

## Литература


1. Абдулхонов Ф.М. История судопроизводства досоветского Таджикистана(историко-правовое исследование). Душанбе, 2011. 190 с.
2. Азимов Ш. Государство и право Саманидов. Душанбе, 1999. 168 с.
3. Али Рафеи, Куруш Шафеи. Эволюция суда в Иранском праве (с древнейших времен до современности). Тегеран, 1393 г.х. (на перс. яз.).
4. Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Ч.1. 248 с. (на тадж.яз.).
5. Рашшод М. Философия с древних времен. В четырех частях. Душанбе, 1990. Ч.1-2. 480 с.
6. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя, средневековая и новая история. В двух частях. Душанбе, 1998. 718 с.
7. Краткий Сасанидский Судебник / Перевод А. Халикзаде. Душанбе: ЭР-граф, 2015. 156 с.
8. Кристенсен А. Иран в эпохе Сасанидов. Тегеран, 1979. 711 с. (на перс.яз.).
9. Кушматов А. Вакф. Душанбе, 1990. 190 с.


[1] Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Ч.1.С.68 (на тадж.яз.); Рашшод М. Философия с древних времен. Ч.1-2. - С. 108-109.

[2] См.: Кристенсен А. Иран в эпоху Сасанидов. Тегеран, 1979. - С.323 (на перс.яз.).

[3] По мнению Ш. Азимова, в Саманидском государстве существовали военные судьи. См.: Азимов Ш. Государство и право Саманидов. Душанбе, 2000. - С.69. Но ни в одном другом источнике об этом не говорится, поэтому А. Халиков опровергает существование военного судьи в государстве Саманидов. См.: Халиков А. История государства и права Таджикистана. Душанбе,2002. Ч.1. - С.147; Кушматов А. Вакф. Душанбе, 1990. - С.24.

[4] Али Рафеи, Куруш Шафеи. Указ. раб. С.80-81.

[5] Шах Хусейни Носириддин. Арбитраж в сасанидский период // Права народа. 1346. - С.19.

[6] Абдулхонов Ф.М. История судопроизводства. - С.129.

10. Локк Д. Сочинения. В 3-х томах. М., 1985. Т.3. 670 с.

11. Сокит М. Институты правосудия в исламе. Тегеран, 1325. 908 с.

12. Халиков А. История государства и права Таджикистана. Душанбе,2002. Ч.1. 301 с.

**Н.Д. Табаров**

## Ташаккул ва рушди ниҳоди суди ҳарбӣ дар давраи зардуштиии таърихи тоҷикон

Дар мақола масоили ташаккул ва рушди ниҳоди судяи ҳарбӣ дар давраи зардуштии таърихи тоҷикон таҳқиқ карда мешавад. Дар он сабабҳои таъсиси ниҳоди мазкур, алоқаю робитаҳои он бо ниҳодҳои дигари амалисозандаи адолати судӣ, ваколатҳои судяи ҳарбӣ ошкор карда шудааст. Дар мақола инчунин масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти истеҳсолоти суди ҳарбӣ дар давраи зардуштӣ баррасӣ гардидааст.

**Вожаҳои калидӣ:** Таърихи давлат ва ҳуқук, таърихи ҳуқуқи Тоҷикистон, суд, ниҳодҳои адолати судӣ, суди ҳарбӣ, ниҳоди судяи ҳарбӣ.

**N.D. Tabarov**

## Formation and development of the institution of the military judge in the Zoroastrian period

The article examines the issues of formation and development of the institution of the military judge in the Zoroastrian period in the history of the Tajik statehood. It identified reasons for the establishment of this institution, the relationship of this institution with other institutions of justice, the powers of the military judge. The paper also discussed the organizational and legal problems of functioning of military justice in the Zoroastrian period.

Keywords: History of State and Law, History of Law in Tajikistan, the court, the administration of justice, the military court, the institution of a military judge.

# ПАДИДАИ ЛОББИЗМ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ФАЪОЛИЯТИ ПАРЛУМОН ВА ҲУКУМАТ

**А.И.Имомов**[1]

Падидаи лоббизм ҳанӯз дар Тоҷикистон расман эътироф ва аз самти илмию амалӣ ба таври ҷиддӣ таҳқиқ нашудааст. Аз самти ҳуқуқӣ низ барои коркардабароии лоиҳаи қонун ё санади дигари расмигардонии фаъолияти лоббиҳо иқдоме пеш гирифта нашудааст. Вале пайдоиши падидаи мазкур бешутҳа аст, зеро ки дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва фаъолияти озодӣ соҳибкорӣ муҳит барои рақобат ва ҳифзи манфиатҳо мазмун ва шакли гуногун мегирад. Зуҳуроти лоббизм яке аз чунин шаклҳо мебошад.

**Вожаҳои калидӣ:** парлумон, ҳукумат, лоббизм, лоббиҳо.

**1.Мафҳуми падидаи лоббизм.** Мафҳуми лоббизм бо пайдоиши худ ба паламентаризм шабоҳат дорад. Бо мурури табдилёбии парлумон ба мақомоти воқеии қонунгузорӣ, майлу рағбат ба фаъолияти қонунгузории он меафзояд. Зимнан чунин марок на ҳамеша самти сиёсӣ дорад. Бештар вақт манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз манфиатҳои сиёсӣ боло меистанд ва ҳалли онҳо ба ҳалли масоилҳои сиёсӣ робита доранд. Лоббизм (аз англ. Lobby – даҳлез, роҳрав, миёнсарой) фишор овардани шахсони алоҳида, гурӯҳи шахсон ё ташкилот ба аъзои парлумон бо мақсади ноил шудан ба қабул ё рад кардани лоиҳаи ягон қонуни мушаххасро ифода мекунад. Лоббиҳо шахсоне мебошанд, ки метавонанд лоиҳаи қонуни қаблан таҳия кардашударо пешниҳод намоянд, ёрии машваратӣ расонанд, дар назди мақомоти намояндагӣ идораи худро ташкил кунанд. Чунин фишор метавонад шакли машварат, арзномаи дастаҷамъӣ, мактуб, маъқул кунонидан, вохӯриҳои шахсӣ бо мақсади ноил гаштан ба қабул ё рад кардани ягон лоиҳаи қонун ва ғайраро бигирад[2]. Дар давраи муосир фаъолияти лоббизм фақат дар ҳадди шахсе маҳдуд нашуда, балки аз гурӯҳи одамон (бештар вақт собиқ вакилони парлумон, аъзоёни ҳукумат ва сиёсатмадорони сатҳи баланд), фирма, ширкат ва корпоратсияҳои калони ба таври касбӣ машғул буда, иборат мебошад. Онҳо тавассути ҳамаи воситаҳои иттилоотӣ, коммуникатсионӣ ва омилҳои дигар ба мизоҷон хизматрасониро дар сатҳи баланд ба роҳ мемонанд, ки эҳтиёҷ ба хизмати онҳо рӯз аз рӯз меафзояд. Албатта доираи фарогирии амалҳои лоббистӣ фақат бо фишоровварӣ ба аъзои парлумон ва ноил гаштан ба қабули қонунҳои ба манфиати касони лоббиҳо намояндагӣ карда, маҳдуд намешавад. Онҳо фаъолияти қабули қарорҳои ҳукуматиро низ объекти таъсиррасонӣ қарор медиҳанд ва фишори онҳо ба аъзои ҳукумат ё роҳбарони сохторҳои мақомоти иҷроия низ ҷой дошта, тавассути он манфиати худро амалӣ мекунанд.

Лоббистҳо - гумоштаи корпоратсияҳо, фирма, бонкҳо, иттифоқи касаба, ташкилотҳои соҳибкорон ва ғайра, ки бо ҳар роҳ кӯшиш мекунанд, то ки бо аъзои парлумон робита барқарор намоянд ва ба мавқеи ӯ дар ҳалли масъалаи мушаххас дар кумита (комиссия) ё палата таъсир расонанд. Бо мурури ривоҷи фаъолияти парлумонҳо иқдоми лоббиҳо ба барпо кардани ташкилотҳои ба таври касбӣ мувофиқи супориш фаъолияткунанда оварда расонид ва чунон вусъат ёфт, ки давлатҳо зарур донистанд онҳоро ба қолаби муайяни ҳуқуқӣ дароранд[3].

---

[1]Сарходими илмии ИФС ваҲ АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.

[2] Нигаред: Большой юридический словарь /Под ред. Сухарева А.Я., Крутских В.Е. –М., ИНФРА .- М, 1999. -С.345-346; Баглай М.В., Туманов В.А. Малая энциклопедия конституционного права. –М., Изд.БЕК, 1998. –С.233.

[3] Ниг.: Конституционное (государственное) право зарубежных стран. В 4 т. Учебник /Отв. ред.

Дар китобҳо, мақолаҳо, луғатҳо ҳар гуна таърифи мафҳумҳои бо якдигар узван пайвастаи лобби, каси ба фаъолияти лобби машғул буда, лоббист, ташкилоти лобби дода шудааст. Масалан, «Амали мақомоти давлатии қонунгузорӣ, иҷроия, ҳокимияти судӣ, ки ба дастгирии соҳаҳо ва самтҳои ҷудогонаи иқтисодиёти минтақаҳо, корхонаҳо, гурӯҳи иҷтимоӣ, ки на тақозои воқеии зарурият, балки ҳавасмандӣ, баъзе вақт бо роҳи киро кардани шахси мансабдор равона карда шудааст». Лоббиҳо ба сифати намояндаи ҳокимият ба васояти худ дар гирифтани супоришҳои имтиёзноки давлатӣ, қарзҳо, ёрӣ, сабукиҳо, литсензияҳо, шароити мусоиди фаъолияти тиҷорати иқтисодӣ, дар таъсис ва аз қайдгузаронии ташкилотҳои нав, дар пахш кардани ҳарифон мусоидат мекунанд. Одатан лоббиҳои соҳаи аграрӣ ва лоббиҳои саноатӣ аз ҳам фарқ кунонида мешаванд.

Дар ҷомеаҳои муосири демократӣ бисёр ҳар гуна иттиҳодияҳои одамон (гурӯҳҳои манфиатдор) ҳастанд, ки барои расонидани талаботҳои худ ба сохторҳои ҳокимият кӯшиш мекунанд. Баъзеи онҳо воситаҳои иқтисодиро истифода мекунанд, баъзеи онҳо воситаҳои дигарро.

Ҳанӯз соли 1946 Конгресси Ийолоти Муттаҳидаи Амрико бо мақсади ба танзим андохтани фаъолияти лоббиҳо зарур дониста буд, ки қонун дар бораи лоббиҳо қабул намояд. Дар он гуфта шудааст, ки ҳолатҳои қонуни мазкур ба ҳар шахсе паҳн мегардад, ки бевосита ва ё тавассути намояндагони худ, хидматчиён ё дигар шахсон маблағҳои пулӣ ё дигар чизҳои арзишнокро бо мақсади ноил гаштан ба ҳадафҳои зерин ҷамъ меоваранд:

- аз тарафи Конгресси Ийолоти Муттаҳида қабул ё рад кардани ин ё он санади қонунгузорӣ;

- таъсири бевосита ё нисбӣ ба аз тарафи Конгресси Ийолоти Муттаҳида қабул ё рад кардани ин ё он санади қонунгузорӣ[1]. Инчунин қонун ӯҳдадор мекунад, ки ҳатман фаъолияти лоббистӣ дар Конгресси Ийолоти Муттаҳида қонунӣ гардонида шавад. Ҳоло дар чандин давлатҳои реҷаи идораи демократӣ дошта, ҳамингуна қонун қабул карда шудааст. Дар давлати Русия низ ҳанӯз аввали солҳои навадуми асри гузашта, иқдоми қабули чунин қонун пеш гирифта шуда буд, аммо он бенатиҷа анҷом ёфт.

Ҳадафи асосии таъиноти ин санадҳо кам карлани таъсири лоббиҳо ба аъзои парлумон ва таъмини шаффофияти даромадҳои молиявии аъзоёни парлумон, гузоштани монеаи ҳуқуқӣ муқобили муомилаҳои шубҳаноки аъзои парлумон ва лоббиҳои расмишуда ва махфӣ мебошад.

Дар таҷрибаи фаъолияти парлумонии баъзе мамлакатҳо ба робитаи вакилон бо гурӯҳҳои фишороварӣ ва ташкилотҳои лоббиҳо эътибор дода ташкилотҳо робитаи худро нигоҳ медоранд. Ҳамчунин бисёр вақт онҳо фаъолияти касбии хусусӣ ва соҳибкории худро идома медиҳанд. Ҳатто масъалаи муайян кардани то кадом ҳад ба мандати вакилӣ мувофиқ омадани чунин фаъолият пайдо мешавад. Шумораи парлумонҳое меафзояд, ки таҷрибаи бақайдгирии «манфиатҳои хусусии» вакилонро ҷорӣ кардаанд: вакил бояд ҳатман аз ҳамин гуна фаъолият палатаро огоҳ намояд. Ҳанӯз хеле барвақт палатаи обшинаи Англия аъзоёнро вазифадор карда буд, ки ба палата дар бораи манфиатҳои пулӣ ва фоидаи дигари моддӣ, ки ӯ дорад ва ба ахлоқ ва суханрониҳояш таъсир дорад, ахборот пешниҳод намояд.

Ахборот маълумотҳоро дар бораи мансаби муздноки директор ё дигар мансаби музднок, дар бораи сафарҳо ба хориҷа, агар он на аз ҳисоби шахсӣ ё маблағҳои давлатӣ харҷ гардида бошад, дар бораи дар истифода доштани замин ё моликияте, ки арзиши калон дорад, дар бораи компанияҳое, ки дар онҳо аъзои

Б.А.Страшун. – 3- изд. –М, Изд. БЕК. 1999.. Тома 1-2, часть общая. –С. 505-506.

[1] Нигаред: Соединенные Штаты Америки: Конституция и законодательные акты. Пер. с англ. О.А.Жидкова. –М., Прогресс Универс., 1993. –С. 171-175.

парлумон зиёда аз 1 фоиз аксияҳои сармоявӣ ва ғайра дорад, дарбар гирад.

Дар Фаронса аъзои парлумон дар мӯхлати 15 рӯз баъди шурӯъ карданаш ба вазифа бояд Бюрои палатаро дар бораи азми идома додани фаъолияти қаблии касбӣ бохабар намояд. Агар дар бораи имкони чунин мутобиқат шубҳа пайдо гардад, пас қарори қатъиро Шӯрои конститутсионӣ мебарорад. Дар ҳолате, ки он ғайриқонунӣ будани якҷоя кардани мандати вакилиро бо шуғли манъшуда тасдиқ намояд, истеъфои аъзои парлумонро эълон менамояд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар хусуси дар таҷрибаи парлумони Фаронса ҳеҷ вақт ҷой надоштани чунин ҳодиса қайд карда шудааст[1].

Дар даҳсолаҳои охир қонунгузории бисёр давлатҳо талаботи ба мандати вакилӣ номувофиқ будани ишғоли касбу корҳо ва ихтисосҳоро пешбинӣ менамоянд. Қариб дар ҳамаи давлатҳои пасошӯравӣ ташкилёфта чунин талабот дар қонунгузории интихобот ҷой дода мешавад. Аз ҷумла Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи Маҷлиси Олӣ муқаррар кардааст, ки дар қатори шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ, номзадии роҳбарони консернҳо, компанияҳо, ассосиатсияҳо ва корпоратсияҳои давлатии ҷумҳуриявӣ ва муовинони онҳо ҳамон вақт ба қайд гирифта мешаванд, ки дар аризаи худ аз хусуси баъди вакили парлумон интихоб шудан аз вазифа рафтанашонро изҳор карда бошанд (моддаи 34). Ҳамчунин барои бақайдгирии номзадҳо ба комиссияҳои интихобот пешниҳод кардани маълумот дар бораи ҳаҷм ва манбаи даромади номзад, маълумот дар бораи амволе, ки ба моликияти номзад мансуб аст, зарур мебошад. Маълумот дар бораи ҳаҷм ва манбаи даромади шаҳрванде, ки номзад мебошад дар намуди нусхаи эъломия дар бораи даромади яксолаи пеш аз соли таъйин шудани интихобот (бо қайди мақомоти андоз) пешниҳод карда мешаванд. Шаҳрванди номбурда мувофиқи қонунгузории ҷумҳурӣ дар бораи андозҳо ва хироҷҳои барои пешниҳод кардани эъломия дар бораи даромад дар як соли пеш аз таъйин шудани интихобот аз ташкилоте, ки даромад гирифтааст, маълумотнома пешниҳод менамояд. Маълумотнома дар бораи амволе, ки ба ҳуқуқи моликияти номзад мансуб аст, ба шакли муқарраркардаи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ пешниҳод карда мешавад (моддаи 35).

Оид ба мазмуни меъёрҳои мазкур бояд қайд кард, ки дар онҳо нишондоди мушаххас дар бораи талаботи қатъӣ дар бораи ҳаҷми моликияти номзад ва бо кадом роҳу восита ба даст овардани он мавҷуд нест. Ва дар таҷрибаи маъракаи интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон низ мисолҳои бо ин сабабҳо рад кардани бақайдгири номзадҳо маълум нестанд.

Дар марҳалаи ҳозираи раванди ҷаҳонгароӣ зуҳуроти лоббистӣ то рафт миқёси калони байналмилалӣ пайдо мекунад. Зимнан ин зуҳурот бештар хислати сиёсӣ пайдо мекунад. Муоҳидаҳои байни супоришдиҳандагон ва иҷрокунандагон дар робитаҳои байналмилалии лоббистӣ манфиати доираҳои мансабдоронӣ олии давлатӣ ё манфиати доираҳои сармоядорони калони байналмилалиро ифода мекунад. Майлони лоббистӣ ҳоло дар сатҳи баланд дар робитаи доираҳои хукмрони кишварҳои мухталиф мавқеъ пайдо кардааст. Ин омилро бо баъзе мисолҳои мушаххас аз таҷрибаи давлатӣ Русия нишон додан мумкин аст.

Мувофиқи хабарҳои расмии дар матбуоти Русия ба чоп расида, аз ҷумла, дар мақолаи Александр Панов «Кӣ дар ИМА «аз Путин» маош мегирад ?», ки дар ҳафтаномаи «Аргументы и факты» (№ 8, аз 28 01 2015) дар асоси фактҳои воқеӣ, дар хусуси чандин амалиётҳои лоббистӣ дар Амрико ба манфиати Русия навишта шуда, он дар расонаҳои ахборӣ гуногун нашр шудааст. Дар он гуфта шудааст, ки ду сенаторҳо – Трент Лотт, собиқ сарвари аксарияти ҷумҳурихоҳон ва палатаи болоиро дар с. 2007 тарк карда, ва демократ Джон Бро, Сенатро дар с. 2005 тарк карда, акнун дар ИМА манфиати Газпромбанк, сеюмин аз ҷиҳати иқтидор бонки Русия, ки дар

[1] Ниг.: Сравнительное конституционное право. Ред кол.: д.ю.н., проф. А.И.Ковлер и др. «Манускрипт», 1990. –С.563.

моҳи июли с. 2014 ба муҷозот (санксия) дучор шудааст (фармони иҷроияи Президент Обама № 13662) ифода мекунанд. Мувофиқи талаботи қонун дар бораи лоббиҳо (Lobbyinq Disclosure Act of 1995) ду собиқ-сенаторҳо ба Конгресс аризаи аз қайдгузарӣ аз номи фирмаи лоббистии Squire Patton Boqqs пешниҳод карданд.

Лотт ва Бро – лоббиҳои таҷрибадор, то соли сипаришуда ба собиқ сарвари аксарияти демократҳо дар Сенат Том Дбшл коркунанда, манфиати телеиндустрияи бо тиб ва тандурустӣ алоқаманд, ҳамчунин манфиати компанияи телекоммуникатсионии AT & T –ро ифода мекарданд.

Чи тавре, ки рӯзномаи The Washinqton Post қайд мекунад, Газпромбанк ба Ҳукумати Русия дар бораи ёрии молиявӣ бо сабаби оқибатҳои манфии муҷозоти ғарб бо дархост мурочиат кардааст. Ҳамзамон бонк сенаторҳои собиқро бо фирмаҳои қалбакии онҳо киро кард ва дар нимаи дуюми с. 2013 ба компанияи машҳури лоббистии Ketchum 3,7 млн. доллар супорид. Ҳуҷҷатҳои мазкур бояд ба Вазорати адлияи ИМА ва хадамоти конгрес мувофиқи FARA (Foreiqn Aqent Reqistration Fct), мувофиқи қонун дар бораи аз қайдгузаронии агентҳои хориҷии с. 1938 қабулгардида, пешниҳод карда шаванд. Қонун ӯҳдадор мекунад, ки дар хусуси ҳар гуна амалҳои манфиатии лоббистӣ хабар дода шавад. Лоббизм бояд барои ҷомеа фаъолияти кушод ва шаффоф бошад. Дар давраи солҳои 2006-2012 фақат «Газпром» ба Ketchum 17 млн. доллар пул дод. Боз 25 млн. доллар лоббистҳо аз ҳукумат гирифтанд. Чи тавре, ки Reuters бо иснод ба ҳуҷҷати аз Вазорати адлия гирифташуда, хабар медиҳад дар с. 2007 бо кӯшиши Ketchum маҷаллаи «Тайм» Вл. Путинро «шахсияти сол» донист.

Қуллаи баланди кӯшиши Ketchum дар самти русиягӣ чоп кардани дар The Nev Times дар фасли афкор мақолаи Вл. Путин дар моҳи сентябри с. 2013 мебошад, ки дар он ӯ ҳамчун сулҳовар дар Сурия номбурда шудааст.

Ketchum с.2014 маърака оид ташвиқу тарғиби Олимпиадаи Сочи, пресс-релизи Газпромро ба лигаи русиягии континенталии хоккей чунон фарогир намуд, ки субподрядчикҳо – Alston & Bird- ро киро кард, ки робитаи қавӣ бо собиқ сенатори ҷумҳурихоҳ ва номзад ба президенти Боб Доул, инчунин конгрессмен демократ Эрл Померой дорад. Компанияи мазкур аз ҳукумати Русия дар нимаи якуми соли 2013 100 ҳазор доллар гирифт. Боз як субподрядчик Ketchum / Venable дар ҳамин давра аз «Газпром» 168 ҳазор доллар гирифт. Дар зери қаноти Venable бо моҳонаи 28 ҳазор доллар дар як моҳ (илова сафарпулиҳо) собиқ конгрессмен-демократ Барт Ступак кор мекунад. Ба фаъолияти лоббистӣ ба фоидаи Русия боз конгрессмен-ҷумҳурихоҳ Дана Рорабахер, демократ аз Флорида Алан Грейсон ҷалб карда шудаанд. Профессори илмҳои сиёсӣ аз Канзас Бардетт Лумис навиштааст, ки «Лоббистҳо ҳоло дар қуллаи мавҷи баланданд, ки ҳодисаҳои украинӣ ба бор овардааст»[1].

Дар маҷаллаи русии «Новое время» гуфта шудааст, ки Русия садҳо миллион барои барпо кардани шабакаи тавонои лоббистӣ дар ИМА ва Иттиҳоди Аврупо сарф мекунад. Аз ҷумла, гуфта мешавад, ки манфиати Кремлро одамони эшелонҳои баланд лоббигарӣ мекунанд. Дар Италия – собиқ сарвазирон Романо Проди, фаъолона муқобили муҷозоти Русия баромадкунанда, дӯсти шахсии Вл. Путин, Силвио Берлусконӣ, ба қариби сарварони ғарбро расман ба муносибати бемасъулиятона нисбати Русия айбдор карда, мебошанд. Дар сатҳи корӣ манфиати Русияро лоббистҳои касаба ҳимоя мекунанд. Масалан, ҳукумати Русия ва Газпром барои хизматҳояш ба компанияи бузурги лоббистӣ Ketchum, Ins, ки дар ғарб барои тарғиби ғояи Селоби Ҷанубӣ (Южный поток) ва гузаронидани бозиҳои олимпӣ дар Сочи мусоидат мекунад, маблағҳои калон мегирад ва фақат барои хизматҳояш дар солҳои 2013-2014 ба маблағи 8 млн. доллар гирифтааст[2].

**2. Намудҳо ва шаклҳои таъсиррасонии лоббиҳо.** Лоббизм ҳамчун зуҳуроти

---

[1] Мақолаи мазкур дар рӯзномаи «Новая газета» ба чоп расидааст. Novay qazeta ru/politucs
[2] Нигаред: «Новое время». 28 01 2015. № 21.

ҷамъиятӣ - сиёсӣ дар намудҳои бисёр зоҳир мегардад. Дар сарчашмаҳои илмию оммавӣ ҳамчунин ба нишонаҳои лоббизм ишора карда мешавад. Нишонаҳои паҳншуда инҳо мебошанд:

- гирифтани иттилоот;
- мубодилаи иттилоот;
- таъсир расонидан;
- фаъолияти стратегӣ дошта.

Ҳар як аз онҳо мазмун ва таъиноти ба худ хос дошта, дар муҳит ва лаҳзаи даркорӣ кор фармуда мешавад. Онҳо метавонанд ҷудо-ҷудо, давра ба давра ё ба таври фарогир бо сафарбарии ҳамаи имконият ва нерӯҳои лоббиҳо ба объект ва субъектҳои таъсиррасонӣ равона карда шаванд. Ба шаклҳои (технологияи) лоббизм таалуқ доранд:

- таввасути сафарбарсозии афкори ҷамъиятӣ (истифодаи чораҳои оммавӣ, ташкили мурочиати оммавӣ ба ҳокимияти давлатӣ, фирмаҳо, ширкатҳо ва корхонаю ташкилотҳо ва ВАО, инчунин мурофиаҳои судӣ);
- истифодаи имкониятҳои маъракаҳои интихоботӣ (иштироки шахсӣ дар интихобот ё пешбарӣи номзадҳои худ, маблағгузории маъракаи интихобот);
– истифодаи робитаҳои расмӣ (таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкили муҳокимаи онҳо, маслиҳат додан ба намояндагони хокимият ва озмоиши қарорҳои қабулшаванда, ахбор додан, иштирок дар кори мақомоти ҳокимияти давлатӣ);
– истифодаи алоқаҳои ғайрирасмӣ (ташкилу гузаронидани конфронс, семинар, мизи гирд ва муколимаҳо, мубоҳисаҳои телевизионӣ, гуфтугӯҳои телефонӣ). Ширкат ва фирмаҳои ихтисосманди лоббистӣ дар таҷрибаи бисёрсолаи фаъолияти худ роҳу воситаҳои гуногуни истифодаи шаклҳои таъсиррасониро аз худ кардаанд. Дар ихтиёри онҳо як дунё услуби амалӣ намудани ҳадафҳо мавҷуд аст, ки дар куҷо ва дар кадом ҳолат ба кор бурдани онҳоро хуб аз худ кардаанд.

Шаклҳои таъсиррасонии лоббиҳо ба аъзои парлумон гуногун мебошад. Аз ҳама шаклҳои паҳншудаи таъсирроасонӣ аз инҳо иборат аст:

- робитаи шахсии лоббиҳо бо аъзои парлумон;
- истифодаи вохӯриҳои аъзои парлумон бо интихобкунандагон худ, дар мавсими таътилӣ парлумонӣ ё вохӯрӣ оид ба ягон чорабинӣ ё ҳодиса барои фаҳмондани моҳияти талаботи лоббиҳо;
- муроҷиати хаттии лоббиҳо ба кумитаи дахлдори палатаи парлумон;
- вохӯрии бевоситаи кории лоббиҳо ё намояндагони онҳо бо роҳбарони кумитаҳо ва комиссияҳои палата, бо коршиносон ва мутахассисон, ки барои кор аз болои лоиҳаи қонун палата даъват кардааст;
- даъвати хаттии лоббиҳо ба аъзои парлумон пеш аз оғоз ва дар рафти ҷаласаҳои палата, ки дар онҳо масъалаҳои тавваҷҷуҳи онҳо баррасӣ мегарданд;
- нашри сиссилаи мақолаҳо дар рӯзномаҳо ва дигар ВАО, иштирок дар гузориш ва намоишҳои радио ва талевизионӣ бо мақсади майл кунонидани аъзои парлумон дар муҳокимаҳо ба натиҷаи дилхоҳ оид ба лоиҳаи мароқи онҳо;
- ташкили навбатчигии (пикети) лоббиҳо ва тарафдорони онҳо дар назди бинои парлумон, ки дар он ҷаласаҳои палата ё муҳокимаҳои парлумонӣ мегузаранд.

Ташкил ва гузаронидани ҳаргуна форумҳои сатҳи гуногун бо иштироки намояндагони доираҳои парлумонӣ ва ҳукуматӣ, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, лоббиҳо оид ба мавзӯҳое, ки ба чи тавр ҳаллу фасл шудан ва ба манфиати кадом шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ қабул шудани ин ё он санади ҳуқуқӣ мароқ дошта, дар таҷриба бисёр ба кор меравад.

**3. Таъсири лоббиҳо дар фаъолияти парлумони ҶТ ва идораҳои марказии ҳокимияти иҷроия.** Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими падидаи лоббизм ва фаъолияти лоббиҳо ҳанӯз пеш гирифта нашудааст. Албатта парлумони кишвар ҳанӯз таърихи зиёди фаъолият надорад ва то ҳол сохторҳои таркибии палатаҳои он мукаммал нашудаанд. Аммо бо мурури рушди фаъолияти қонунгузории парлумон ва тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

ҳаллу фасл кардани масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, хоҷагӣ, фарҳангӣ ва ғайра майлони лоббистӣ ташаккул ва ривоҷ ёфта ба фаъолияти на фақат Маҷлиси Олӣ, балки Ҳукумат ва идораҳои марказии ҳокимияти иҷоия таъсир мерасонад.

Раванди таъсиррасонии майлони лоббистӣ ба фаъолияти қонунгузории парлумон на фақат дар таҳия ва қабули қонунҳои нав, балки дар рафти дохил кардани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои амалкардаистода низ ҷой дошта метавонад. Аллакай фаъолияти лоббиҳои ғайрирасмӣ дар идораҳои ҳокимияти иҷроия ва берун аз он, дар доираҳои монополистӣ, тиҷоратӣ ва соҳибкорӣ ҷой дорад. Раванди мазкур ба қонунҳо ва қарорҳои парлумон, қарорҳои идораҳои ҳукуматӣ қабул карда истода, таъсири муайян дорад. Ва омили пайдоиш ва ривоҷи майлони лоббистӣ дар муҳити фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва ривоҷи тапшаккули доираҳои монополистӣ дар ҷумҳурӣ, воқеияти имрӯзаи ҳаёти ҷомеа мебошад. Ва таъсири гурӯҳҳои фишороварӣ ва лоббиҳо ба фаъолияти аъзоёни парлумон ва доираҳои мансабдорони ҳокимияти иҷроия оид ба қабули қонунҳо ва қарорҳои манфиати онҳо мунтазам пурзӯр мегардад. Бо вуҷуди ин, дар доираҳои парлумонӣ ва хукуматӣ муҳити эътирофи ин воқеият ва якдилӣ дар пешгирӣ ва бартарафсозии оқибатҳои зарарноки он ҳанӯз ташаккул наёфтааст.

Дар баъзе ҳолатҳо зарурияти воқеӣ дастгирии лоббиҳо дар таҳия ва қабули қонунҳо ва қарорҳои ҳокимияти иҷроия дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлат ва ҷомеа пайдо мегардад. Чунин мисолро дар таҷрибаи ташкили иттиҳодияҳо ҷамъиятии типи нав дар Тоҷикистон мушоҳида кардан мумкин аст. Истифодаи шаклҳои гуногуни майл кунонидани қонунгузор ё мақомоти иҷроияи дахлдор ба қабули қонуну қароре, ки ба ташкил ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамояд, тағйироту илова дохил кардан ба онҳо дар солҳои 90-ум ва оғози солҳои 2000 дар Тоҷикистон ҷой доштанд. Зеро ки гузоштани асосҳои ҳуқуқии ташкилёбӣ ва устуворгардии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо душвориҳо идома меёфт. Мӯҳлати хеле тулонӣ дар байни иттиҳодияҳои шаҳрвандон ва сохторҳои бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар хусуси шарту шароити ташкил, доираи ҳуқуқу вазифаҳо ва муайянсозии шакли фаъолияти онҳо баҳсу талош идома ёфт. Дар сатҳи қонунгузорӣ танзим намудани ин масъалаҳо даставвал ба раванди рушди низоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат намекард. Дар байни иттиҳодияҳои нави ҷамъиятӣ ва мақомоти дахлдори давлатӣ як навъ муҳити шӯбҳаву нобоварӣ то дер давом ёфт[1].

Дар чунин шароит шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ роҳи муколимаро пеш гирифта ба чандин иқдомҳо даст заданд. Пеш аз ҳама дар байни худи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ душвориҳои раванди ташкилёбӣ ва чи тавр бо роҳи ҳуқуқӣ бартараф кардани онҳо, дар шаклу усулҳои муайяншуда чи тавр ба роҳ мондани фаъолият ва бо кадом восита ноил шудан ба ҳамкории иҷтимоӣ бо сохторҳои ҳокимияти иҷроия мавзӯҳое буданд, ки дар чандин ҷамъомад ва муколимаҳои бардавом муҳокима мешуданд. Минбаъд чунин муколимаҳоро иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо роҳи ҷалби намояндагони парлумон ва мансабдорони мақомоти ҳокимияти иҷроия ба роҳ монданд.

Ҳамчунин кори фаҳмондадиҳии ҳадафу мақсадҳои ташкил додани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва моҳияти ба роҳ мондани кори самараноки онҳо ҳам ба манфиати ҷомеа ва ҳам давлат тавассути ҳабару мақолаҳо ва рисолаҳои хурду калони илмию амалӣ пеш гирифта шуд. Баъзе иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ нашри буллетенҳо, варақаҳо ва маҷаллаҳоро ба роҳ монданд, ки дар онҳо масоилҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи гуногун таҳлилу таҳқиқ мешуданд.

---

[1] Нигаред: Имомов А. Деятельность НПО по лоббированию различных решений по уменьшению барьеров на пути их развития /Бюллетень Национальной Ассоциации Политологов Таджикистана. «Гражданское общество». 2002. № 12, -С.5-9.

Солҳои 90-уми асри X1X ва даҳсолаи аввали асри XX оид ба чунин мавзӯҳо садҳо форумҳои сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ (конфронсҳо, семинарҳо, муколимаҳо, мизи гирд ва ҷамъомадҳо) гузаронида шуданд. Баҳсу мунозира ва изҳори ақидаҳо дар ин форумҳо охири охирон барои ноил гаштан ба як сатҳи муайяни боварӣ ва ҳамкории байни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти давлатӣ оварда расонд.

Ба фаъол гаштани раванди ташкили низоми иттиҳодияҳои нави ҷамъиятӣ созмонҳои ғайридавлатии байналмилалӣ низ мусоидат карданд. Маслиҳату тавсияҳои онҳо барои бартарафсозии монеаҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории иҷтимоӣ бо ҳукумат, кор карда баромадани қонунҳои миллии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар Тоҷикистон танзимкунанда ёрӣ расониданд. Аввалин иттиҳодияҳои ҷамъиятии нав бо ёрию дастгирии онҳо фаъолияти худро оғоз карданд. Онҳо на фақат ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии аввалин ёрии моддию методӣ , балки бо сохторҳои давлатӣ робита намуда, аҳамияти муҳими ташкили чунин ниҳодҳоро барои бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории давлат бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мефаҳмонданд.

Ҳамаи ин омилҳо ниҳоят барои дар сатҳи муайян таҳия кардани қонуни ҶТ дар бораи иттиҳодияҳои ҷаиъиятӣ шароит муҳайё кард. Аммо қонуни мазкур чандин камбудиҳо дошт, ки рушди низоми иттиҳодияҳои ҷамъиятиро халалдор мекард. Бинобар ин, бо истифодаи шаклҳои дар боло қайдёфта, раванди таъсиррасонӣ ба парлумон ва сохторҳои ҳукумати барои минбаъд мукаммал гардонидани асосҳои ҳуқуқии танзими ташкил ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ идома ёфт. Дар натиҷа Қонуни мазкур соли 2007 нав гардонида шуд.

Дар мисоли давра ба давра мусоидат намудан ба бунёди қонунгузории ҶТ дар бораи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва мукаммал гардонидани он дидан мумкин аст, ки фаъолияти лоббиҳо дар баъзе ҳолатҳо самти беғаразӣ гирифта, дар ҳалли масъалаҳои ҷудогона мавқеи фаъол дошта метавонад. Вале аксаран фаъолияти мазкур арзиш дорад ва дар байни супоришдиҳанда (сарварони бонкҳо, фирмаҳо, ширкатҳо, компанияҳо ва сармоядорони калон) ва иҷрокунанда (шахс ва гурӯҳи шахсон) шартномаи расмӣ ё ғайрирасмии хизматрасонӣ баста мешавад, ки дар он арзиши чунин хизмат нишон дода мешавад.

